НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕА с. 8-9

ЛАТУКӮБИ ОМӮЗГОР ДАР ВАҲДАТ с. 11

ВАЗЪИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН с. 2


# ТОҶИКИСТОН

№41 (1604), 9.10.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# ИЗҲОРОТ

## ВА ВОКУНИШИ МАҚОМОТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСЪАЛАИ МУҲОҶИРОН ВА ДОНИШҶӮЁНИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ




МАҶМААИ ИСТИРОҲАТИИ «ВАРЗОБ РИВЕРА»

ШИРКАТИ "СЕБИСТОН" ДАР ЗЕБОТАРИН МИНТАҚА - ЛАБИ ДАРЁИ ВАРЗОБ ПОИҲАИ БЕНАЗИРИ ТАУНХАУСИ "ВАРЗОБ РИВЕРА"- РО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД:

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- Табиат ва ҳавои тоза, беҳтарин шароит барои зиндагӣ ва истироҳат;
- Таунхаусҳо бо дизайни аврупоӣ ва мебелу техникаи муосир;
- Ҳавзи шиноварӣ, варзишгоҳ, майдонҳои сайругашт ва машқу бозии кӯдакон;
- Таъмини бехатарии таунхаусҳо, осоиши ҳар сокини он, нигаҳбонии 24/7;

Ин ҳама дар таунхауси «Варзоб Ривера», километри 38 уми роҳи Варзоб

БАРОИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
ТЕЛЕГРАМ: +992 200 00 00 00 | +992 002 77 44 33
ВЕБСАЙТ: WWW.SEBISTON.COM


## ДАР ИН ШУМОРА:


**МЕТРОИ ДУШАНБЕ**

Зеризаминӣ ё рӯйизаминӣ?
с.5

**ЛАВРОВ БА ҒАРБ:**

Таҳрими “Толибон”-ро бекор кунед!
с.4

**БОЗДОШТИ МАНСАБДОРОН**

Яке дар Ҷомӣ, дигаре дар Истиқлол
с.11

**КОНИБОДОМ**

“Хоҳаракон” сурудҳои халқиро эҳё мекунанд
с.14

**ПАРВОЗ БА ХОРУҒ**

Аз таърих то эҳё
с.11

**“СВЕРХЗАДАЧА”**

ба Ортиқи Қодир ва Давлат Убайдуллоев
с.13

**КАНЗИ ШИФО**

Фирор аз бемориҳои тирамоҳӣ
с.12

**ВАРЗИШ**

Ба Гран-слами Абу-Забӣ киҳо мераванд?
с.15

# МУАРРИФИИ «ШОҲНОМА» ДАР МАЛАЙЗИЯ

**Бо ташаббуси Сафорати Тоҷикистон дар Малайзия дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи байналмилалии исломшиносии Малайзия (IAIS) ва Китобхонаи оммавии Селангор ба номи Раҷа Тун Уда тахти унвони «Шоҳнома: шоҳасари адабӣ барномаи фарҳангӣ баргузор шуд.**

Сафири Тоҷикистон дар Малайзия Ардашер Қодирӣ оид ба сахми барҷастаи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар ҳифз ва нигоҳдошти таъриху тамаддун ва забони тоҷикӣ сухан гуфт.

Мавсуф иброз дошт, ки «Шоҳнома» ҳамчун нигораи адабии мардуми тоҷик яке аз ёдгориҳои барҷастаи қадимӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Дар доираи чорабинӣ гӯшаи алоҳидаи фарҳанги санъати миллии Тоҷикистон пешкаши ҳозирин гардид, ки дар он меҳмонон бо маҳсулоти суннатӣ, ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон ва китобҳои «Шоҳнома» шинос гардиданд. Намоиши мусаввараҳо то 17-уми октябри соли 2024 идома меёбад.



# ХАТЛОН ИНТИЗОРИ САРМОЯГУЗОРОН АСТ

**17-18-уми октябр дар шаҳри Бохтар Форуми байналмилалии сармоягузорӣ-содиротии «Хатлон Инвест-2024» ва намоишгоҳи «Бохтар Фуд-2024» баргузор мешавад.**

Форуми мазкур бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ, тақвияти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, густариши муносибатҳои тиҷоратии харидорону содироткунандагон тавассути муаррифии имконият ва маҳсулоти содиротии ҷумҳурӣ доир мегардад.

Дар назар аст, ки дар ин форум маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон муаррифӣ гардида, инчунин, мулоқотҳои инфиродии соҳибкорону сармоягузорон ва тасвиби ёддошт байни намояндагони доираҳои тиҷоратӣ баргузор шавад.

# ДАР ДУШАНБЕ МАРКАЗИ КӮДАКОНИ БОЛАЁҚАТ МЕСОЗАНД

**Дар шаҳри Душанбе Маркази кӯдакони болаёқат бунёд мегардад. Ин марказ барои 500 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст. Инчунин, имкони ба истиқомат фаро гирифтани то 300 нафар хонанда дар ин марказ вуҷуд дорад.**

Масъалаи сохтмони Маркази кӯдакони болаёқат дар шаҳри Душанбе дар ҳошияи хафтаи байналмилалии сохтмон зимни мулоқоти раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон Низом Мирзозода бо вазири сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналии Федератсияи Русия Ирек Файзулин мавриди муҳокима қарор гирифт.

Ирек Файзулин аз сохтмончиёни тоҷик даъват намудааст, ки дар қисми рақобатии чемпионати байналмилалии сохтмон, ки соли оянда баргузор мегардад, ширкат намоянд.

# РАИСИ ПАРЛУМОНИ ЭРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Муҳаммадбоқир Қолибоф, раиси Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон 10-уми октябр дар раъси як ҳайат ба Тоҷикистон меояд.**

Расонаҳои эронӣ менависанд, ки яке аз ҳадафҳои муҳими сафар гуфтугӯҳои дуҷониба дар хусуси афзоиши ҳамкориҳо ва мубодилоти тиҷоратии ду кишвар аст.

Ба навиштаи хабаргузории ИСНО, сафари Муҳаммадбоқир Қолибоф бо даъвати ҷониби Тоҷикистон сурат мегирад ва дар замини он ӯ бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ва раиси парлумон Муҳаммадтоҳир Зокирзода дидор анҷом медиҳад.

Раиси парлумони Эрон ҳамчунин дар конфронсе бахшида ба сиюмин солгарди Конститутсияи Тоҷикистон ширкат ва суханронӣ мекунад.

# САРИ САБЗ



**Манзура САИДОВА,**
**ҳунарпешаи театр**

**- Дар саҳна ҳар кас бояд кори худашро кунад. Дар ҳақиқат, имрӯз баъзеҳо ҳам коргардон, ҳам муаллифи сенария ва ҳам ҳунарманди асосӣ худашонанд. Ман ба иззати нафси касе расиданӣ нестам, вале бояд бигӯям, ки як нафар наметавонад холаи ҳамакора бишавад.**

*- О, ба як нафар чил ҳунар кам аст мегӯянд ку! Дигар ин ки, ин нафарони анонимии гуфтаатон ҳама фарҳангиянд, кори берун аз фарҳанг, масалан бинокорӣ ё мардикорӣ накардаанд...*



**Маъруф АКОБИРОВ,**
**корбари сегменти тоҷикии Инстаграм**

**- Дар мавриди он ки аз фаъолияти блогерӣ чӣ гуна фоида ба даст овардан мумкин аст, ҳаминро мегӯям, ки ман ба ин соҳа барои пул кор кардан омада будам, вале бовар кунед, то ҳол ҳеҷ фоидае нагирифтам. Умедворам, ки рӯзҳои хуб дар пешанд.**

*- Ҳммм, пас барои чӣ ҳама блогер шуда истодаанд? Ё ин суханҳо ба хотири онанд, ки шумораи блогерҳо кам шаванд, то рақобат кардан дар майдони блогерӣ боз ҳам мушкил нагардад?*



**Давлатмо АМИРДИН,**
**хатмкардаи факултаи журналистика**

**- Дар Инстаграм гоҳе аз ҷониби бадбинҳо ва обуначиёни саҳифаам, ки аслан шахсияташон номаълум аст, шарҳҳои таҳқиромез низ ба суроғаам ворид мешаванд, ки аслан на ба кору фаъолиятам дахл дорад, балки мехоҳанд ягон камбудии зоҳириямро зери ҳарф баранд.**

*- Баъди ин ба чӣ хулоса омадед? Мабодо аз зери ҳарф рафтани камбудии зоҳириятон ба шигифт омадаву Инстаграмро тарк накунед? Ё даромад аз он монеи чунин тасмим мешавад?*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ИЗҲОРОТ

## ва вокуниши мақомоти Тоҷикистон дар масъалаи муҳоҷирон ва донишҷӯёни тоҷик дар Русия

**Дар давоми ҳафтаи охир ду тан аз роҳбарони мақомоти баландпояи Тоҷикистон дар робита ба нақзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони ин кишвар, аз ҷумла муҳоҷирон ва донишҷӯён дар Русия изҳори назар карданд. Муносибат нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон, махсусан пас аз ҳамлаи террористӣ дар маҷмааи “Крокус Сити Холл” сахттар гаштааст ва таъқиби муҳоҷирони тоҷик аз ҷониби мақомоти пулис ва сохторҳои қудратии Русия нигарониҳои ҷиддиро ба миён овардааст.**




### Изҳороти тоҷикситезона

Дар ин давра суханрониҳои вокунишбарангези баъзе намояндагони Русия, бахусус депутатҳои Думаи давлатӣ вазъро мураккаб кард. Чанде пеш депутати Думаи давлатӣ Михаил Матвеев бо изҳороти ошкоро ва тоҷикбадбинӣ дар расонаҳо баромад карда, таърих ва китобҳои таълими, Тоҷикистонро барои "диди танқидӣ" нисбат ба гузаштаҳои Русия айбдор кард. Ӯ иддао дорад, ки дар мактабҳои Тоҷикистон таълимоти зидди Русия баргузор мешавад, ки ин даъво аз ҷониби ҷомеа ва масъулини Тоҷикистон бо вокунишҳои шадид дучор шуд. Ҳол он ки ин гуфта асос надорад, чуз тавтиа ва ҷанҷолбарангезӣ чизи дигаре нест.

### Мавқеи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон

Шоҳин Самадӣ, сухангӯи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар вокуниш ба ин изҳорот иброз дошт, ки таърихро бояд мутахассисон ва олимон баррасӣ кунанд, на депутатҳои сиёсати аз таърих бехабар. Ин мавқеъро аксари кулли ҳамватанони мо дастгирӣ кардаанд ва пешниҳод шудааст, ки дар ҷаласаҳои байнипарлумонӣ байни Тоҷикистону Русия масъалаи мазкур муҳокима карда шавад.

### Нигаронии вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон

Ҳафтаи гузашта Сироҷиддин Мухриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ аз муносибати нобаробар ва ноодилона нисбат ба донишҷӯёни тоҷик ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар қаламрави Русия изҳори нигаронӣ кард. Ӯ таъкид намуд, ки чунин муносибатҳо на танҳо ҳуқуқҳои муҳоҷиронро поймол мекунанд, балки низоми ҳимояи ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи ИДМ-ро зери шубҳа мебаранд.

Сироҷиддин Мухриддин изҳор дошт, ки муносибати мунсифона ва баробар дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷират ба нафъи ҳамаи ҷонибҳои дахлдор аст ва ин ҳамкорӣ бояд шаффоф ва боэҳтиёт амалӣ шавад. Ӯ инчунин қайд кард, ки вазъи донишҷӯёни тоҷик, ки тибқи квотаҳои ҳукумати Русия таҳсил мекунанд, низ нигаронкунанда аст.

### Вокуниши сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода

Ҳафтаи гузашта Қоҳир Расулзода, сарвазири Тоҷикистон низ дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Русия масъалаи муносибати ноодилона бо муҳоҷиронро баррасӣ кард. Ӯ нигаронии худро аз санҷишҳои бераҳмона ва ғайриқонунӣ нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия баён намуда, қайд кард, ки ин гуна ҳолатҳо ба низоми муҳоҷиратӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвар таъсири манфӣ мегузоранд.

Қоҳир Расулзода таъкид намуд, ки муносибати бад ва таъхир дар гузаргоҳҳои марзӣ, ки соатҳо ва ҳатто рӯзҳо давом мекунад, на танҳо ба муҳоҷирони оддӣ, балки ба донишҷӯён, пиронсолон ва кӯдакон низ таъсир мерасонад. Ин гуна муносибатҳо бояд фавран таваҷҷуҳи мақомоти дахлдори Русияро ба худ ҷалб кунанд.

### Ҳушдори Рамазон Қодиров

Бояд қайд кард, ки худи мақомоти Русия низ аз вазъи ногувор дар соҳаи муҳоҷират нигаронанд. Рамазон Қодиров, президенти Чеченистон аз сиёсати муҳоҷирати Русия, ки нисбати муҳоҷирон бераҳмона аст, интиқод кард. Қодиров изҳор дошт, ки чунин чораҳои шадид ба манфиати умум нестанд ва бояд дар ин самт сиёсати сабук, вале мақсаднок роҳандозӣ карда шавад.

Ӯ таъкид намуд, ки роҳи ҳалли ин масъала дар ихроҷи оммавии муҳоҷирон нест, балки дар ислоҳи қонунгузорӣ ва назорати дурусти равандҳои муҳоҷират аст. Муносибати бераҳмона ва таҳқиромез ба муҳоҷирон танҳо метавонад ба бад шудани вазъият ва таҳқими нафрат дар ҷомеа оварда расонад.

**А. АҲМАДЗОДА**

### АЗ РЕДАКСИЯ:

Муносибат бо муҳоҷирон ва донишҷӯёни тоҷик дар Русия дар ҳоли ҳозир ба як масъалаи ҷиддӣ табдил ёфтааст. Ҳуқуқҳои онҳо, ки дар доираи қонунгузорӣ ва ҳамкориҳои стратегӣ ҳимоя мешаванд, бояд эҳтиром гарданд. Ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Русия ба нафъи ҳар ду кишвар аст ва беҳтар шудани муносибатҳо дар ин соҳа метавонад ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кунад.

Дар ҳоле ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия на танҳо муҳоҷирони корӣ, балки як қисми муҳими робитаҳои дуҷонибаанд, муносибат бо онҳо бояд мунсифона ва баробар бошад, то ин ҳамкориҳо дар заминаи эътимоди мутақобил ва эҳтиром идома ёбанд.

# РАЁСАТИ ИДМ

## соли 2025 ба Тоҷикистон мегузарад

**8-уми октябр дар шаҳри Маскав Президенти Тоҷикистон дар ҷаласаи Шӯрои сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) иштирок ва суханронӣ намуд.**

Дар ҷаласа вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод баррасӣ гардид.

Аз 1-уми январи соли 2025 раёсат дар ИДМ ба Тоҷикистон мегузарад ва аз ин рӯ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ ба муаррифии авлавиятҳои раёсати Тоҷикистон дар Иттиҳод таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Зимнан, таъкид гардид, ки яке аз авлавиятҳои асосии раёсати мо ба роҳ мондани муҳокима оид ба беҳсозии фаъолияти Иттиҳод хоҳад буд.

Президенти Тоҷикистон инчунин таъкид дошт, ки дар ҷанбаи сиёсӣ кор барои пешбурди обрӯи мусбати ИДМ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун иттиҳодияи минтақавӣ идома хоҳад ёфт.

Таъкид гардид, ки ба пешбурди рӯзномаи иқтисодӣ, экологӣ ва фарҳангию гуманитарӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Президенти Тоҷикистон изҳор дошт, ки дар рафти раёсати Тоҷикистон таҷлили 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавқеи махсус хоҳад дошт. Рушди ҳамкории парлумонӣ низ аз авлавиятҳои муҳим номида шуда, дар соҳаи амният ба таҳкими ҳамкории амалӣ дар мубориза бо хавфу хатарҳои амниятӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир хоҳад шуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои нишасти навбатӣ аз ҷониби сарони давлатҳо қарорҳои дахлдор ба имзо расиданд.





**BBC** **7-уми октябр ба ҳамлаи гурӯҳи фаластинии "Ҳамос" ба Исроил як сол пур шуд. Баъди ин артиши Исроил амалиёти низомиро дар Навори Ғазза оғоз кард ва ин ҷанги хунин то ба имрӯз идома дорад.**

Бар асоси омори Вазорати тандурустии Фаластин, дар ҳамлаҳои Исроил худуди 42 ҳазор фаластинӣ кушта шудаанд. Ҳамлаҳои пайдарҳами Исроил ба Фаластин ва марги ҳазорон занону кӯдакони бегуноҳ ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст.

# ЛАВРОВ БА ҒАРБ:

## Таҳрими "Толибон"-ро бекор кунед!

РИА НОВОСТИ

**Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷии Русия рӯзи 4-уми октябр аз Ғарб даъват кард, ки таҳримҳои зидди "Толибон"-ро бекор кунанд.**

Ӯ ин нуктаро дар Маскав дар ҷаласаи муколамаи Афғонистон, ки бо иштироки Амирхон Муттақӣ, иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии "Толибон" баргузор шуд, ироа кард.

Вай изҳор дошт, ки Маскав аз Ғарб мехоҳад, барои барқарории баъдичангии Афғонистон масъулият дошта бошад. Сергей Лавров ҳамчунин даъват кард, ки таҳримҳо бекор карда ва дороиҳои ҳабсшудаи Кобул баргардонида шаванд.

Муколамаи Афғонистон соле як бор баргузор мешавад. Дар нишасти навбатии он намояндагони кишварҳои ҳамсояи Афғонистон аз Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна иштирок кардаанд.



Дар ин нишаст Александр Бортников, раиси ФСБ ё Ҳадамоти амнияти федеролии Русия гуфтааст, ки Маскав хоҳони ҳамкориҳои "мутақобилан судманд" бо хадамоти махсуси "Толибон" мебошад. Русия чандест масъалаи баровардани "Толибон"-ро аз "рӯйхати сиёҳ" матраҳ мекунад. Вале ҳанӯз ҳам фаъолияти "Толибон" дар Русия мамнуъ буда, Кремл ҳукумати онҳоро ба расмият нашинохтааст. Гарчанде Русия қабл аз соли 2021 бо ин гурӯҳ ҳамкорӣ ба роҳ монда буд.

# ҚАЗОҚИСТОН НЕРУГОҲИ АТОМӢ МЕСОЗАД?

CABAR

**Беш аз 71 дар сади мардум дар Қазоқистон ба тарафдории бунёди нахустин неругоҳи барқи атомӣ дар қаламрави кишвар ва тамоми Осиёи Марказӣ раъй додаанд.**

Комиссияи марказии интихоботи Қазоқистон рӯзи 7-уми октябр хабар дод, ки тақрибан 8 миллион нафар ё бештар аз нисфи мардуми бархӯрдор аз ҳақи раъй гуфтаанд, тарафдори бунёди неругоҳи



атомӣ ҳастанд. Мухолифон мегӯянд, ки бунёди неругоҳи атомӣ харҷи зиёд дорад ва муҳити зистро олуда мекунад.

Қазоқистон бузургтарин тавлидкунандаи урааниум дар ҷаҳон аст ва захираҳои бузурги нафту газ дорад, вале айни замон аз норасоии неруи барқ ранҷ мекашад. Бинобар ин, чанд сол аст, ки масъалаи бунёди неругоҳи атомиро ба миён гузоштааст. Чину Фаронса ва Русияву Курии Ҷанубӣ саъй доранд, ки ҳақи бунёди неругоҳро ба даст биёранд.

Президенти Қазоқистон Қосимҷомарт Токаев мегӯяд, ки неругоҳ бузургтарин тарҳ дар таърихи Қазоқистони соҳибистиқлол хоҳад шуд.

Неругоҳи атомӣ дар даштҳои Қазоқистон ва дар канори Кӯли Балхаш, дувумин кӯли азим дар Осиёи Марказӣ сохта хоҳад шуд.



**AP** **Артиши Исроил рӯзи 8-уми октябр эълон кард, ки Суҳайл Ҳусейнӣ, фармондеҳи дигари баландпояи "Ҳизбуллоҳ"-ро дар Лубнон куштааст. Вай масъули ҳамлу нақл ва буҷаи гурӯҳ буд.**

"Ҳизбуллоҳ" неруи низомӣ ва ҳам ҳизби сиёсии зери ҳимояти Эрон аст. Низомиёни Исроил гуфтанд, ки Суҳайл Ҳусейнӣ дар як ҳамлаи ҳадафманд рӯзи 7-уми октябр кушта шуд. Чанд рӯз қабл Исроил Ҳасан Насруллоҳ, роҳбари "Ҳизбуллоҳ"-ро низ ба қатл расонида буд, ки ин боиси таниши бузург миёни Эрону Исроил гардид.

# ИМА ЗОДАГОНИ ТОҶИКИСТОНРО БА РУСИЯ ФИРИСТОД

CBS NEWS

**Мақомоти Амрико аз ҳашт зодаи Тоҷикистон, ки дар моҳи июни имсол бо гумони иртибот бо гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" (ДОИШ) дастгир шуда буданд, се нафарро ба Тоҷикистон ва Русия баргардонидаанд.**

CBS News рӯзи 6-уми октябр бо такя ба манобеаш хабар дод, ки чаҳор шаҳрванди дигари Тоҷикистон дар боздоштгоҳи Идораи муҳоҷират (ICE) ҳастанд ва мунтазири ихроҷ аз Иёлоти Муттаҳида. Эҳтимол онҳоро дар ҳафтаҳои наздик пас гардонанд.

Ҳашт зодаи Тоҷикистон рӯзи 8-уми июн тайи амалиёти муштарак дар Лос-Анҷелос, Ню-Йорк ва Филаделфия боздошт шуданд. Манобеи амнияти Амрико дар аввал онҳоро ба иртибот бо гурӯҳи даҳшатафкани "Давлати исломӣ" гумонбар донист буданд, аммо дертар ба поймоли қоидаҳои муҳоҷират айбдор карданд.

Бо гузашти чаҳор моҳ хувияти боздоштшудаҳо ошкор нашудааст.

Муфаттишони FBI ё Ҳадамоти федеролии амнияти ба CBS News гуфта буданд, ки суҳбату мукотибаҳои ин афрод ва фаъолияташонро дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳқиқ карданд. Мақомоти амрикоӣ бобати робитаи эҳтимолии онҳо бо ДОИШ шубҳа доштанд, вале нисбат ба онҳо парвандаи иттиҳоми узвият ё шомил будан ба гурӯҳҳои террористӣ боз нашудааст.



**KUN.UZ** **Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев рӯзи 30-юми сентябр зимни мулоқот бо намояндагони соҳаи маориф бахшида ба Рӯзи омӯзгорон гуфт, ки ба ғолибони даври ноҳиявӣ ва шаҳрии озмуни "Омӯзгори сол" хонаи истиқоматии сеҳуҷрагӣ медиҳад.**

"Чаро ман ба омӯзгорон хона туҳфа мекунам? Чунки ин роҳи дурусттарин аст",- шарҳ дод Мирзиёев. Ӯ ҳамчунин таъкид кард, ки минбаъд квотаи солона барои фиристодани омӯзгорон ба осоишгоҳҳо ва маконҳои истироҳатӣ ду баробар зиёд карда мешавад. Ҳамчунин, гуфта шуд, ба омӯзгороне, ки шогирдонашон ғолиби олимпиадаҳои фаннӣ мегарданд, дар ҳаҷми аз 4 ҳазор то 12 ҳазор доллар мукофотпулӣ дода мешавад.



# 65 ҲАЗОР УКРАИНӢ. АСИР Ё БЕНИШОН?

**65 ҳазору 956 низомӣ ва сокинони мулкии Украина дар феҳристи шахсони бенишоншуда ё асирафтодаҳо будаанд. Дар ин бора Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо хабар медиҳад.**

Ин омор вазъро то 18-уми сентябри соли 2024 дар бар мегирад.

Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо мегӯяд, ки бар асоси маълумоти тасдиқшуда тақрибан 51 ҳазор кас бенишон ҳастанд. Ин манбаъ мегӯяд: " Русия бархилофи уҳдадориҳои байналмилалии худ дар бораи сарнавишти онҳо сариваҳт иттилоъ намедиҳад".

Ассамблея ба таври қатъӣ аз Русия хостааст, ки ба Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва ниҳодҳои масъули Созмони Милал ба ҷойҳои нигаҳдории асирони ҷангии Украина ва ғайринизомиён дастрасӣ диҳад. Русия иддаои шиканҷа ва тарзҳои дигари бадрафториро бо асирони ҷангӣ намепазирад.

# ЗЕРИЗАМИНӢ Ё РӮЙИЗАМИНӢ

## Метрои Душанбе чӣ гуна хоҳад шуд?

**Дар Душанбе бори дигар масъалаи сохтмони метро мавриди баррасӣ қарор гирифт. Намояндагони Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ омодагиҳо ба сохтмони метро ва масъалаи зиризаминӣ ва ё рӯйизаминӣ шудани онро матраҳ намуданд.**



### Пешниҳоди Азим Иброҳим



Аз Вазорати нақлиёти Тоҷикистон хабар медиҳанд, ки нишасти мазкур рӯзи 27-уми сентябр бо ширкати **Азим Иброҳим**, вазири нақлиёт, Завқӣ Завқизода, вазири рушди иқтисод ва савдо, Фирдавс Саидзода, муовини шаҳрдори Душанбе, Ҷон Сонг Шик, сафири фавқулода ва мухтори Корея дар Тоҷикистон, Банг Мундҷин, менеҷери ширкати "Роҳи оҳани миллии Корея", чанд корхонаи кореягӣ, ки ба сохтмони метро ҷалб шудаанд, инчунин, мутахассисони соҳаи роҳу нақлиёти ҳарду кишвар баргузор шуд.

Азим Иброҳим дар ин нишаст гуфт, ки зарурати сохтмони метро ба зиёд гардидани аҳолии пойтахт ва меҳмонони он вобастагӣ дорад.

Ба таъкиди ӯ, сохтмони метро аз афзун шудани шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва тамбашавии оянда дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе пешгирӣ мекунад.

"Тибқи хулосаи пешакӣ, бо назардошти тамбашавии пайваста ва аз меъёр зиёд шудани шумораи воситаҳои нақлиёт дар шаҳри Душанбе, зарурати сохтмони метрои зеризаминӣ дар шаҳри Душанбе ба мақсад мувофиқ мебошад",- таъкид кардааст ӯ.

Вазир ҳамчунин изҳор доштааст, ки сохтмони метрои зеризаминӣ дар нақшаи генералии шаҳри Душанбе низ пешбинӣ гардидааст.

### Метрои рӯйизаминӣ



Ёдовар мешавем, ки қаблан гуфта мешуд, метрои Душанбе рӯйизаминӣ хоҳад шуд. Соли 2023 **Раҳим Бобозода**, муовини якуми вазири нақлиёти Тоҷикистон дар суҳбат бо рӯзномаи "Садои мардум", нашрияи парлумони Тоҷикистон хабар дод, ки аз Дарвозаи ҷанубӣ (самти минтақаи Бохтар) то бинои Сирки давлатӣ бунёди метрои рӯйизаминӣ ба масофаи беш аз 10 км ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин бора "Тоҷикистон" низ дар такя ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон матлабе ба нашр расонида буд.

"Шарту талабот, арзиши лоиҳаи мазкур ва шароити масири эҳтимолии сохтмони роҳи оҳани шаҳри Душанберо, ки тибқи нақшаи генералӣ аз дарвозаи Ҷанубӣ то Сирки давлатӣ ба масофаи 10,5 километр тӯл мекашад, ба назар гирифта, истифодаи нақлиёти роҳи оҳани шаҳрии LRT (системаи метрои сабук) мувофиқи мақсад шуморида шуд",- гуфта буд Раҳим Бобозода.

Бобозода гуфта буд, ки дар хусуси сохтмони метро дархости молиявӣ ба Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Корея ирсол гардида, 14-уми марти соли 2022 "Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ барои асосноккунии техникӣ - иқтисодӣ ва омода кардани мутахассисони маҳаллӣ барои анҷом додани корҳои сохтмонӣ ва истифодаи технологияҳои муосири Ҷумҳурии Корея дар самти нақлиёти метро" ба имзо расидааст.

### Ҳанӯз номаълум

Як манбаъ аз Вазорати нақлиёти Тоҷикистон мегӯяд, ки ҳанӯз тасмими ниҳоӣ дар мавриди рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ шудани метрои Душанбе гирифта нашудааст.

Ёдовар мешавем, ки 22-юми августи соли 2023 Вазорати нақлиёти Тоҷикистон ва Бонки содиротию воридотии Кореяи Ҷанубӣ («Эксимбонк») ҷиҳати маблағгузории омӯзиши пешакӣ ва асосноккунии техникию иқтисодии сохтмони метрополитен дар Душанбе ёддошти тафоҳум ба тасвиб расониданд. Намояндагони бонк розӣ шуданд, ки инчунин таҳияи муфассали лоиҳаро низ маблағгузорӣ кунанд. Гуфта мешавад, ки Бонки Кореяи Ҷанубӣ барои гузаронидани корҳои пешакӣ 200 ҳазор доллар ҷудо мекунад.

**Д. ҚОДИРПУР**

# ПАРВОЗ БА ХОРУҒ



### Пас аз 7 сол...

**3-юми октябр ҳавопаймои хатсайри Душанбе-Хоруғ баъди 7 сол нахустин парвози худро бо муваффақият анҷом дод. Дар ин бора аз "Тоҷик Эйр" хабар медиҳанд.**

Қарор буд, ки ин парвоз рӯзи душанбе, 30-юми сентябр амалӣ шавад, аммо ба далели номусоидии обуҳаво он ду маротиба лағв шуд. Дар ин хусус дар шумораи гузаштаи "Тоҷикистон" матлабе ба нашр расида буд.

Гуфта мешавад, ки парвоз бо 17 мусофир рӯзи 3-юми октябр соати 10:15 сурат гирифтааст. Аз аксҳои нашршуда маълум мешавад, ки мусофиронро дар Хоруғ ботантана пешвоз гирифтаанд.

Ёдовар мешавем, ки чиптаҳо ба Хоруғ ва баръакс 900 сомонӣ нарх дошта, фурӯши он аз 27-уми сентябр оғоз гардида буд. Ҳавопаймо дар як ҳафта се маротиба рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва шанбе парвоз мекунад. Парвоз аз Душанбе соати 8:00 сурат мегирад ва 1 соату 10 дақиқа давом мекунад. Пас аз расидан ба Хоруғ ҳавопаймо соати 10:00 дигарбора ба Душанбе бармегардад.

### Аввалин ҳавопаймо дар Хоруғ

Дар шумораи гузаштаи "Тоҷикистон" матлаби "Душанбе – Хоруғ: Чаро ҳавопаймо парвоз накард?"-ро хондаму ба ёди даврони шӯравӣ афтодам. Зеро он солҳо парвозҳо миёни Хоруғу Душанбе ва баръакс доимӣ буд ва нархи он низ ба ҳама дастрас.

Соли равон аз парвози нахустин ҳавопаймо ба Хоруғ 95 сол сипарӣ мешавад. Руҷуъ мекунем ба таърих. Соли 1929 ҳавопаймои Юнкерс F.13 дар ҳайати Николай Баранов 9 (пилот), А. Велмер (бортмеханик), ва А. Прохоров (лётчик) бори аввал ба Хоруғ парвоз анҷом доданд. Ба ин муносибат дар шаҳри Хоруғ санги ёдгорӣ гузошта шуд, ки болои он бо ҳуруфи арабиасоси форсӣ навишта шуда буд: "Хоруғ, 1929, Парвози нахустин тайёра".

Шуруъ аз соли 1932 парвозҳо миёни Душанбе ва Хоруғ мунтазам мешаванд. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста бо ворид шудани тайёраи Ан 24, Як 40, Ан 28 ва ғайра сифати хизматрасонӣ ва парвозҳо хуб мешавад. Солҳои 70 ва 80 равуои тариқи ҳавопаймо ба Хоруғ ва баръакс ба Душанбе ҳеҷ мушкиле надошт. Ёдам ҳаст, ки дар солҳои 88-89 ҳафтае 14 ва ҳатто 16 маротиба миёни Душанбеву Хоруғ тайёра парвоз мекард ва мо бар ивази ҳамагӣ 16 рубл билет харидорӣ мекардем. 16 рубл маблағи калоне набуд ва ҳар донишҷӯ ҳатто имкон дошт, ки ба билети тайёра дастрасӣ пайдо кунад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ҳам парвозҳо идома ёфтанд. Гарчанде номунтазам бошанд ҳам, имкони тариқи тайёра равуо кардан буд. Вале 7 сол қабл парвозҳо қатъ шуданд.

Хуб аст, ки парвозҳо аз сар оғоз шуданд, зеро барои сокинони Бадахшон равуо бо мошин бисёр душвор буд.

**Қ. ОХОНОВ,**
**ш. Хоруғ**



# ТАҒЙИРИ НОМ ВА ҲАДАФҲОИ ГУСТУРДАТАРИ АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД

**ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” бо таваҷҷуҳ ба рушд тасмим гирифтааст, ки барои иҷрои нақшаҳои васеъ ва густурдатаре дар бахши бонкдорӣ дар Тоҷикистон тағйири ном кунад. Тағйири расмии ном аз санаи 21-уми октябри соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст.**

***Номи бонк ба тариқи зайл тағйир дода мешавад:***

| | |
|---|---|
| Бо забони тоҷикӣ | Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” |
| Бо забони русӣ | Закрытое Акционерное Общество “Инвестиционно-Кредитный Банк, Таджикистан” |
| Бо забони англисӣ | Closed Joint Stock Company “Investment and Credit Bank, Tajikistan” |

Бренд-номи Бонк “ICB” бо талаффузи “Ай-Си-Би” мебошад.

“ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” бо тағйири ном ба ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” ҳозир аст, ки ба ин ҳадафҳои дарпешгузоштаи худ устуворона ва бо ҷиддияти том қадам биниҳад”,-иттилоъ дод роҳбари бонки номбурда.

Бо тағйирёбии ном ҳар амалиёте, ки ба мизоҷон рабт дорад, бетағйир мемонад ва танҳо дар баъзе бахшҳои коргузорӣ тағйироти ночизе ворид карда мешавад.

“Тағйири ном ба ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” ва бренд-номи нави он “ICB” ба харид, ҳамроҳшавӣ ва ё якҷояшавии Бонк тааллуқ надорад ва сохтори моликон (саҳомон), Шӯрои директорон, Роҳбарият ва тамоми кормандони он бетағйир хоҳанд монд”,- иттилоъ доданд масъулин ин бонк.

Шартномаҳои пасандоз ва амонатҳо бо Бонк низ иваз намешаванд ва зарурати тағйир додани шартномаҳои мизоҷон бо Бонк вуҷуд надорад, зеро ҳама пасандозҳо ба таври муқаррарӣ идома пайдо мекунанд. Яъне Бонк уҳдадориҳои худро пурра ва мисли қабл иҷро хоҳад кард.

Ҳамчунин, ҳама шартномаҳои қарзӣ бо Бонк чун қабл боқӣ мемонанд ва аз ҷониби мизоҷон зарурати иваз кардани шартномаҳои қарзӣ бо Бонк вуҷуд надорад. Мизоҷон метавонанд қарзҳои худро мисли пештара тавассути филиалу марказҳои хизматрасонии бонкӣ, онлайн ва терминалҳо пардохт намоянд.

Ҳама кортҳои мавҷудбудаи бонкӣ (“Корти миллӣ” ва “ВИЗА”) то ба охир расидани мӯҳлати эътибор чун қабл фаъол мебошанд. Яъне, дар системаи кортии Бонк барои азнавсозии корт ва ё кортҳои дигаре дар ин бахш барои мизоҷон зарурате вуҷуд надорад. Кортҳои нав аз ҷониби “ICB” дода мешаванд.

Дар интиқоли маблағҳо (тавассути Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (NPCR)) баъди тағйири ном дар Бонк ягон дигаргуние ба амал намеояд. Мизоҷон метавонанд интиқоли маблағҳоро мисли қабл аз филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ гиранд ва ё интиқол диҳанд.

Ҳамёни мобилии “FMFB Mobile” аз рӯйи ном ва интерфейси нав ба “ICB Mobile” тағйир дода мешавад ва барои мизоҷон тағйироте ворид намегардад. Истифодабарандагон метавонанд бе ягон дигаргунии иловагӣ ва сабти ном “ICB Mobile”-ро истифода баранд. Мизоҷонро танҳо зарур аст, ки дар “FMFB Mobile” навсозӣ (обновить/update)-ро гузаронанд ва замима ба таври автоматӣ ба “ICB Mobile” мегузарад.

Рамзи мушаххаси бонкӣ (БИК) ва рақами суратҳисоби муросилотии Бонк тағйир намеёбанд, аммо дар қисмати унвон мизоҷон бояд номи Бонкро аз ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” ба ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” иваз кунанд. Мизоҷон метавонанд мушаххасоти нави бонкиро дар дилхоҳ филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ ё аз сомонаи (вебсайти) Бонк дастрас намоянд. Мизоҷон бояд шарикони худро, яъне интиқолдиҳандагонро дар бораи иваз намудани номи Бонк дар мушаххасоти бонкӣ огоҳ созанд, то дар супоришномаҳои пардохтии худ номи нави Бонкро истифода баранд.

Рамзи “SWIFT” (свифт-код) иваз карда намешавад, вале дар қисмати ном, номи Бонк аз CJSC “The First MicroFinanceBank” ба CJSC “Investment and Credit Bank, Tajikistan” табдил дода мешавад.

Ҳамаи банкоматҳои Бонк чун қабл бемамоният фаъолият хоҳанд кард.

# МОҲИЯТ ВА ҲАҚИҚАТИ ФАЪОЛИЯТИ 15-СОЛАИ “IRS”




Роҳ ҳам мисли одам ба нигоҳубину ғамхорӣ ниёз дошта, бунёдаш як тарафи масъала асту нигоҳ доштани он идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад. Бинобар ин, 15 сол пеш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки механизми инноватсиониро аз рӯйи низоми толлингӣ дар хизматрасонӣ ва идоракунии роҳи Душанбе - Чанок мавриди амал қарор диҳад ва тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе - Чанок ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Зарурати амалӣ намудани иқдоми мазкур пеш аз ҳама ба хотири нигоҳ доштани вазъи роҳ ва роҳ надодан ба вайроншавии он аст, зеро баробари харҷи маблағи зиёд барои бунёди роҳ, ҳамзамон барои нигоҳ доштани он низ маблағи зиёд лозим аст. Ин ҳақиқатро дар аксари давлатҳо алакай эътироф кардаанд. Институтҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ, аз қабили Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Созмони Милали Муттаҳид зимни пешбурди фаъолияташон ба нигоҳдории инфрасохтори роҳ аҳамияти хоса зоҳир мекунанд. Пажӯҳиши агентии «SANTRAL» собит намуд, ки пас аз се соли таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгард барои нигоҳ надоштани он дар сатҳи зарурӣ 5 маротиба бештар маблағ лозим меояд, баъд аз 5 сол бошад, барои таъмири он 18 маротиба зиёдтар маблағ зарур аст.

Мақолаву гузоришҳои дар воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр ва пахшшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки бинобар надоштани нигоҳбони масъулиятшиносе чун “IRS” роҳҳои дигаре, ки ба тозагӣ навсозӣ шудаанд, дар муддати кӯтоҳ рӯ ба вайронӣ оварда, аксарият вазъи ногувор доранд.

Дар давоми 15 соли фаъолият мардум боварӣ ҳосил намуданд, ки пули барои истифодаи роҳ пардохтнамуда барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад. Дар ин муддат собит шуд, ки пулакӣ кардани ин роҳ тадбири оқилона буда, пеш аз ҳама, ба беҳдошти ҳолати роҳи стратегии кишвар дахл дорад. Маҳз ин омилҳо замина фароҳам оварданд, ки ширкати мазкур дар нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанок комёб бошад ва назари мардум тамоюли мусбатшавиро касб намояд. Бинобар ин аксарият эътироф карданд:

- Шукр, ки дар симои “IRS” роҳи Душанбе - Чанок нигоҳбони боъэтимод пайдо карда, аз харобӣ эмин аст;

- “IRS” бо масъулиятшиносии худ ба ронандагоне, ки дар масир зиёд ҳаракат мекунанд, моҳиятан як автомобили дигар туҳфа кардааст;

- Агар чанд соат дар интизори кушодани роҳ бошӣ, баъд мефаҳмӣ, ки ин ҳама зарур аст, маблағи пардохтмешуда барои нигоҳдории роҳ сарф мегардад;

- Вақти харобии ин роҳ, яъне то замони ба зиммаи “IRS” вогузор шудани нигоҳдории роҳи Душанбе - Чанок ҳоли баде доштем. Сару бадани худамон ва нақлиётамон пур аз хок мешуд;

- Агар пули тармими нақлиётро бар асари харобии роҳ шуморем, нисбат ба маблағе, ки алҳол ба ширкат медиҳем, зиёдтар аст;

- Агар сарфи вақтро дар ин роҳи чун оина ба назар гирем, хеле фоида ба даст овардаем;

- Ҳукумат аз мо беҳтар медонад, ки чӣ бояд кард. Ҳар сол пайдо кардани чандин миллион доллар барои нигоҳдории ин роҳ осон нест;

- Агар нафъи 15-солаамонро аз ин роҳ, ки чунин ҳамвору озода менамояд, ҳисоб кунем, маблағи супоридаамон дар қиёс ҳеҷ арзише надорад;

- «IRS» бо масъулиятшиносии кормандонаш ба пайвандгари қалбҳо табдил ёфтааст;

- Дар шабҳои сербориш ва тармафароии зиёд ягона умед чароғҳои равшани техникаҳои пуриқтидори «IRS» аст;

- Бо расидан ба маркази ноҳияи Айнӣ ва ворид шудан ба роҳе, ки нигоҳдориаш ба зиммаи “IRS” аст, кас гумон мекунад, ки роҳи нав ба истифода додашуда маҳз ҳамин роҳ аст, на роҳи Айнӣ - Панҷакент;

- Пулакӣ шудани роҳ роҳкироро на афзоиш, балки коҳиш дод. Бо роҳкирое, ки имрӯз ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сафар мекунед, пеш аз «пулакӣ» шудани роҳ сафар кардан ғайриимкон буд;

- Агар «IRS» намебуд, шоҳроҳи байналмилалии Душанбе - Чанок кайҳо хароб мегардид.

Дар маҷмуъ, агар гӯем, ки 15 соли фаъолият барои «IRS» марҳилаи санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ, такомулу шаклгирии фаъолият, тавсеаи равобит, тамоюли афзоишро касб намудани нуфузу маҳбубият, пурқувват гардидани пойгоҳи техникӣ, саҳмгузорӣ дар ғановати буҷети давлатӣ ва ғайра маҳсуб мешавад, муболиға нахоҳад буд.

# ВАЗЪИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН



Аслиддин ҚАМАРЗОДА, профессор

*“Омӯзиши забони модарӣ аз ҷониби наврасону ҷавонон ва густариш додани дар тафаккури миллӣ пойдор кардани он масъалаи муҳими давлатӣ, вазифаи муқаддаси падару модар ва мактабу маориф мебошад. Ин вазифаест, ки ҳамаи мо барои иҷрои он масъулият дорем”.*

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*“Барои дуруст ба роҳ мондани таълим таҳия намудани китобҳои дарсии нав, ҷорӣ намудани стандартҳо ва методҳои пешқадами таълим институти алоҳидаи илмӣ ва лабораторияҳо ташкил мегарданд. Барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ ба забони модарӣ эътибор боз ҳам пурзӯр мегардад”.*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**21-уми октябри соли 1989 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи забони давлатӣ” қабул карда шуд. Дар ин Қонун барои рушду камоли забони ҳамаи халқу миллатҳое, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, дар моддаҳои 1, 3, 13, 14, 18, 20 ва 27 ин маънӣ таъкид гардидааст. Пас ҳоло вазъи таълими забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон чӣ гуна аст?**

Мувофиқи маълумоти расмӣ ҳоло дар Ӯзбекистон беш аз якуним миллион тоҷикон зиндагӣ ба сар мебаранд, лекин назар ба тадқиқоти солҳои охир теъдоди тоҷикон бамаротиб зиёдтар мебошад.

Ҳар фарде, ки ба таърих таваҷҷуҳ дорад, хуб медонад, ки Самарқанди куҳан асрҳо ин ҷониб ҳамчун макони олимону адибон, меъморону ҳунармандон ва соҳибони касбу корҳои гуногун дар тамоми олам маълуму машҳур буду ҳаст. Маҳз дар ҳамин ҷой Одамушшуаро Рӯдакӣ дари хазинаи назми оламгирро боз карда, минбаъд садҳо нафар шоирони Самарқандитахаллус шеъру достонҳо эҷод кардаанд. Адиб ва мутафаккиркорони бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ба дӯстиву бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек поя гузошта, анъанаи зуллисонайн - ба ду забон сухан офариданро дар адабиёти ин ду халқ асос гузоштаанд. Дар ҳамин ҷой тӯли асрҳои минбаъда ҳазорон нафар шоирони соҳибдевон адабиёти ғании тоҷику ӯзбекро бой гардонидаанд. Дар бораи таърихи тоҷикон дар Самарқанду Бухоро метавон ҷилд-ҷилд китоб навишт. Бинобар ин, ба таърих руҷӯъ накарда, ба асли мақсад мегузарем.

Дар асоси маълумоти Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳоло дар шаҳру навоҳии гуногуни кишвар дар беш аз 200 мактаб таълим ба забони тоҷикӣ ҷараён дорад. Лекин миқдори мактабҳо ва синфҳои тоҷикӣ сол аз сол кам гардида, дар Бухоро барин маркази қадимаи тоҷикон тамоман барҳам хӯрдааст.

Сабабҳои кам гардидан ва ё барҳам хӯрдани синфу мактабҳои тоҷикӣ дар чист?

Инро ҳар кас ҳар хел маънидод мекунад:

Гурӯҳи якум мегӯянд, ки китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ нест; Гурӯҳи дуюм баҳона пеш меоранд, ки омӯзгороне, ки ба забони тоҷикӣ дарс медиҳанд, хеле каманд;

Гурӯҳи сеюм мегӯянд, ки хатмкардагони мактабҳои тоҷикӣ бинобар ҷорӣ шудани имтиҳоноти қабул дар мактабҳои олӣ бо усули тест, ки саволномаҳои он танҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ тартиб дода шудаанд, ба донишгоҳҳои олӣ дохил шуда наметавонанд...

Ҳар се тоифа ҳам дуруст мегӯянд, вале ба назари банда сабаби асосии кам шудани мактабҳо ва синфҳои тоҷикӣ ба паст шудани сатҳи худшиносии тоҷикони Ӯзбекистон вобаста аст.

Сабаби дигари кам гардидани мактабу синфҳои тоҷикӣ дар Ӯзбекистон - ин дар асоси Қонун “Дар бораи забони давлатӣ” ҷорӣ шудани алифбои лотинӣ мебошад. Қариб сӣ сол аст, ки тадриҷан алифбои лотинӣ на танҳо дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ, балки дар коргузории идораҳо, бархе аз расонаҳои ахбори оммавӣ ҷорӣ шуда, ҳатто лавҳаҳои кӯчаву пештоқи дӯконҳо, ҳама навиштаҷоти таблиғотӣ ба ин алифбо сурат мегирад.

Сабаби дигар - ба мо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас нагардидани адабиёти бадеӣ ва илмӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои ба забони модарӣ нашршуда, маҳдудияти барномаҳо ба забони тоҷикӣ тавассути радио ва телевизиони Ӯзбекистон ва монанди инҳо мебошад.

Дар як қатор мактабҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони шӯравӣ баробари омӯзиши забони тоҷикӣ омӯхтани забони форсӣ бо алифбои ниёгон (алифбои арабиасоси форсӣ) низ ба роҳ монда шуда буд, ки ҳоло аз байн рафтааст.

Вале ба андешаи банда дар мактабҳои Ӯзбекистон баробари омӯхтани алифбои лотинию кириллӣ ба омӯзиши алифбои арабӣ ва забони форсӣ эътибори хоса додан лозим аст, зеро донистани он барои ҳар як тоҷики соҳибфарҳангу бомаърифат зарур аст.

Ба Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, марди оқилу дурандеш Шавкат Мирзиёев як ҷаҳон ташаккур, ки садди байни ду ҷумҳурии аз азал ба ҳам дӯсту бародарро аз байн бардошта, дар китоби робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ саҳифаи нав кушоданд. Ҳоло дар Ӯзбекистон барои дар мактабҳои миёнаву олӣ таълим гирифтани бачагону ҷавонон имкониятҳо фароҳам гарида, ба забони тоҷикӣ китобҳои дарсӣ, бадеӣ, илмӣ ва рӯзномаҳо нашр мешаванд.

Дар солҳои Истиқлол дар баъзе факултетҳои дигари Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва донишгоҳҳои давлатии Тирмиз ва Фарғона низ гурӯҳҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ташкил ёфт. Чунин гурӯҳҳо дар Донишкадаи навтасиси омӯзгории вилояти Тошканд дар шаҳри Чирчиқ низ ба фаъолият оғоз намудаанд.

Вале вазъи забони тоҷикӣ ва таълими он дар Ӯзбекистон ҳоло нигаронкунанда аст.

Тоҷикон дар Ӯзбекистон қавми омада ё бегона нестанд ва дар замини азалӣ ва абадии худ зиндагӣ мекунанд! Танҳо ҳуқуқи онҳо дар натиҷаи ҳатоҳои таърих аз ҷониби дигарон поймол шуда омадаасту халос.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

## АЗ РЕДАКСИЯ:

Мақолаи "Вазъи забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон", ки аз ҷониби адиб ва муҳаққиқ, профессор Аслиддин Қамарзода навишта шудааст, ба яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва дарднок, яъне вазъи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои Ӯзбекистон равона шудааст.

Зарурати чопи ин мақола дар нашрияи “Тоҷикистон” аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои стратегӣ байни ду давлати бародар - Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ки бо ташаббуси президентҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев рӯз аз рӯз қавитар мегардад, масоили маориф, забон ва фарҳанги тоҷикони Ӯзбекистон низ як қисмати муҳим мебошад.

Ин мақола равшан месозад, ки ҳалли масъалаҳои марбут ба забон ва таълим, бахусус забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон бояд дар доираи ҳамкориҳои муштарак ва дар фазои дӯстӣ ва эҳтироми мутақобил баррасӣ гардад. Ҳамкориҳои фарҳангӣ ва маорифи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар солҳои охир нишон доданд, ки ҳар ду кишвар ба таҳкими робитаҳои худ дар соҳаҳои гуногун аҳамияти вижа медиҳанд ва ин дар навбати худ барои рифоҳи мардум ва рушди муносибатҳои ду давлат аҳамияти калон дорад.

Мо дар шарҳи ин мақола таъкид мекунем, ки ҳадаф аз нашри он на бардоштани масъалаҳои баҳсӣ ё танқид аст, балки фароҳам овардани замина барои баррасии дӯстона ва созандаи мушкилоти мавҷуда мебошад. Мақола бо эҳтиром ба сиёсати давлатӣ ва фарҳангии Ӯзбекистон ва дар заминаи ҳамкориҳои созандае, ки миёни ду кишвар вуҷуд доранд, нашр мешавад. Бо ишора ба нақши таърихии тоҷикон дар рушди тамаддуни Осиёи Марказӣ ва эҳтиром ба забон ва фарҳанги тоҷик, дар мақола кӯшиш шудааст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ ва масъулин ба зарурати дастгирии забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ҷалб гардад.

Барои таҳкими муносибатҳои ду давлат, мақола пешниҳодҳои мусбат ва воқеъбинонаеро дар самти рушди таълими забони тоҷикӣ матраҳ мекунад, ки метавонанд барои пешрафти ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва фарҳанг манфиатовар бошанд. Таъмини ҳуқуқҳои забонӣ ва фарҳангии ақаллиятҳои миллӣ як нишонаи пешрафти ҳар кишваре мебошад ва ҳамкории наздики Тоҷикистон ва Ӯзбекистон метавонад намунаи хубе барои дигар давлатҳои минтақа гардад.

Бо дарназардошти ин нуктаҳо, мо мутмаин ҳастем, ки нашри ин мақола ба ҳеҷ ваҷҳ боиси вайрон шудани муносибатҳои ду кишвар нахоҳад гардид, балки ҳамчун саҳми хоксорона дар ривоҷи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории судманд байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон хидмат мекунад.

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ



*Сармуҳаррири «Тоҷикистон» Шариф Ҳамдампур ҳангоми суҳбат бо Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулҳафиз Ашурзода*

*Бо мақсади баррасии масъалаҳои марбут ба тарбияи ҳуқуқӣ ва нақши Конститутсия дар ҷомеа, сармуҳаррири "Тоҷикистон" Шариф Ҳамдампур бо Раиси Суди конститутсионии кишвар Абдулҳафиз Ашурзода суҳбате анҷом дод. Ин суҳбат нишон медиҳад, ки дар замони муосир чӣ гуна маърифати ҳуқуқӣ метавонад ба таҳкими волоияти қонун дар кишвар мусоидат кунад ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин намояд. Тавассути ин гуфтугӯ, мо инчунин равшанӣ медиҳем, ки нақши Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва рушди ҷомеа то чӣ андоза муҳим аст.*

**- Суҳбати мо дар арафаи таҷлили 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Аз нигоҳи шумо, дар ин муддат Конститутсия кадом воқеаҳои муҳиму сарнавиштсозро паси сар кард?**

- Мо дар арафаи таҷлили 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, ки ҳамчун яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои сарнавиштсоз дар таърихи давлатдории муосири кишвар шинохта шудааст. Конститутсия пас аз истиқлолият қабул гардид ва марҳалаи нави таърихӣ дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистонро оғоз бахшид. Он дар таҳкими давлатдории миллӣ заминаи қавӣ гузошта, ҳамчунин, барои эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ нақши калидӣ бозид. Қобили зикр аст, ки Конститутсия ба раванди эҳёи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар кишвар мусоидат карда, истиқлолият Тоҷикистонро аз лиҳози ҳуқуқӣ мустаҳкам намуд. Қабули Конститутсия шароити зарурӣро барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини тамомияти арзӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон фароҳам овард.

Дар давоми 30 сол Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил эътироф шуд, дар харитаи ҷаҳон сабт гардид. Маҳз тавассути Конститутсия давлат тавонист барои таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки ба рушди минбаъдаи ҷомеа мусоидат мекунанд, шароит фароҳам оварад. Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва гузаштан ба марҳилаи созандагӣ яке аз муҳимтарин дастовардҳои давраи Конститутсия мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон бо 193 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви фаъоли созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои бонуфуз мебошад, ки ин ҳамаро метавон аз дастовардҳои Конститутсияи Тоҷикистон арзёбӣ кард.

**- Нақши Суди конститутсиониро дар ҳифз ва татбиқи Конститутсия чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Назорати конститутсионӣ як унсури калидии давлатҳои ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба шумор меравад, ки барои таъмини волоияти Конститутсия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти бузург дорад. Суди конститутсионӣ ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ, ба таъмини амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсия равона шудааст ва нақши калидӣ дар татбиқ ва ҳифзи Конститутсия мебозад.

Пас аз истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсия, Суди конститутсионӣ таъсис ёфт, ки вазифаи асосии он назорати мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои Конститутсия мебошад. Ин мақом ҳуқуқ дорад қонунҳо ва санадҳои номувофиқро бо Конститутсия бекор кунад ва бо ин роҳ амнияти ҳуқуқии шаҳрвандонро таъмин намояд.

Дар шароити муосир, Суди конститутсионӣ ҳамчунин ҳифзи Конститутсияро тавассути пешгирӣ ва бартараф кардани вайронкунии меъёрҳои конститутсионӣ таъмин мекунад. Тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ин мақом лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшавандаро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро пешниҳод мекунад.

Таъмини амали бевоситаи Конститутсия, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ мебошад, ба волоияти Конститутсия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда, ин ниҳодро ба як рукни муҳими давлатдории ҳуқуқбунёд табдил медиҳад.

**- Дар ин давраи кӯтоҳи таърихӣ ба Конститутсия се маротиба тағйирот ва иловаҳо ворид шуданд. Онҳо Конститутсияи моро то кадом андоза ба ормонҳои миллӣ ва эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқбунёд ва мутамаддин ҷавобгӯй сохтанд?**

**ТАҒЙИРОТ ВА ИЛОВАҲО: КОНСТИТУТСИЯ ҲАМЧУН САНАДИ ЗИНДА ВА МУТОБИҚ БА ШАРОИТИ ЗАМОН БОҚӢ МОНД, БАРОИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ЗАМИНАИ МУСТАҲКАМ ГУЗОШТ.**

- Дар тӯли 30 соли қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба он се маротиба - дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйирот бо мақсади мутобиқ кардани Конститутсия ба талаботи замон ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ анҷом дода шуданд.

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва ҳуқуқии устувор на танҳо арзишҳои асосии давлатдориро инъикос мекунад, балки ҳамчунин ба шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, барои такмили сохтори давлатдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон замина фароҳам меорад. Се маротиба ворид кардани тағйиру иловаҳо муҳимияти навсозӣ ва мутобиқсозии ин санади олии ҳуқуқиро барои ҳалли масоили муҳим ва рушди ҷомеа нишон медиҳад.

Тағйиру иловаҳои воридшуда барои такмил додани механизми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими амнияти давлат ва баланд бардоштани нуфузи қонун мусоидат намуданд. Ин тағйирот ҳамчунин раванди демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистонро инъикос намуда, ба эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кумак карданд. Тағйироту иловаҳо нишон доданд, ки халқи Тоҷикистон пуштибони сиёсати давлат буда, ормонҳои миллӣ ва арзишҳои демократӣ дар сохтори давлатдорӣ пайваста такмил меёбанд. Тавассути ин тағйирот ва иловаҳо Конститутсия ҳамчун санади зинда ва мутобиқ ба шароити замон боқӣ монда, барои рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам гузошт.

**- Масъалае, ки дар тағйироти ахири Конститутсия баҳсбарангез шуд, ҳазфи калимаи "Сарқонун" буд. Нигоҳи шумо ба ин масъала чӣ гуна аст?**

- **Аввалан**, калимаи "Конститутсия" вожаи эътирофшудаи байналмилалӣ аст, ки дар забонҳои мухталифи ҷаҳон истифода мешавад. Ин вожа асосҳои низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҳар давлатро муайян мекунад, ки барои ҳамаи давлатҳои ҳуқуқбунёд ва демократӣ мафҳуми асосист. Истифодаи вожаи "Конститутсия" боиси мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқии миллии мо бо стандартҳои байналмилалӣ мегардад ва дар сатҳи ҷаҳонӣ ба осонӣ фаҳмо мебошад.

**Дувум**, калимаи "Сарқонун" гарчанде дар фарҳанги забонии мо шинохташуда бошад ҳам, маъноҳои калимаи "Конститутсия"-ро пурра инъикос намекунад. «Сарқонун» танҳо боло, баланд ва дорои қувваи олӣ доштани онро ифода мекунад, аммо унсурҳои дигари муҳими ҳуқуқии онро, ба мисли муқаррар намудани асосҳо ва принсипҳои давлатдорӣ, дар бар намегирад. Аз ин рӯ, бо назардошти таърифи дақиқи "Конститутсия", истифодаи калимаи байналмилалии он мақбул ва дуруст аст. Бо ин асос, ҳазфи калимаи "Сарқонун" ва дар қавсайн нигоҳ доштани калимаи "Конститутсия" ба мақсад мувофиқ буда, ба тавзеҳи равшантар ва истифодаи маъмултар мусоидат мекунад.

**- Соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон шудааст. Моҳияти соли маърифати ҳуқуқӣ чист ва ба андешаи шумо чӣ зарурат барои эълони он пеш омад?**

- Соли 2024 аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон гардид. Маърифати ҳуқуқӣ дар моҳияти худ ба сатҳи донишу амалияи ҳуқуқии шаҳрвандон ишора мекунад ва ба эҳтиром ва риояи қонунҳо, донистани ҳуқуқу уҳдадориҳо, инчунин ба масъулияти шаҳрвандон барои риояи қонунҳои кишвар асос ёфтааст.

Зарурат барои эълони соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" аз он ҷо пайдо мешавад, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа шарти муҳим барои рушди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки барои пешрафти кишвар, эҳтироми арзишҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангии миллат, риояи қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон бояд дар замири ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон парвариш ёбад.

Таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳо аз омилҳои муҳим барои пойдории сулҳу субот, оромии ҷомеа ва пешрафти давлат аст. Эълони "Соли маърифати ҳуқуқӣ" кӯшиши муҳим барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини қонуният ва адолат дар ҷомеа мебошад.

Бо эълони "Соли маърифати ҳуқуқӣ", фармони махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2023 тасдиқ гардид, ки дар он нақшаи чорабиниҳо барои татбиқи маърифати ҳуқуқӣ таҳия шудааст. Инчунин бо мақсади таълими ҳуқуқӣ, Ҳукумати Тоҷикистон соли 2019 "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

# ҶОМЕАИ БОШУУР ВА РИОЯИ ҚОНУН

солҳои 2020-2030"-ро қабул намуд. Ин барнома сатҳи баланди маърифати ҳуқуқиро ҳамчун шарти асосӣ барои истифодаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва таъмини имкониятҳои баробар тавассути волоияти қонун муайян мекунад.

Аз ин рӯ, эълони “Соли маърифати ҳуқуқӣ” ба расидан ба ҳадафҳои конститутсионӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мусоидат хоҳад кард.

**- Аз эълон шудани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” 8 моҳ мегузарад. Ба назари шумо, то куҷо ҳадафҳои он амалӣ шуданд?**

- Дар ин давра тамоми мақомоти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот бо аҳолӣ ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ, донишҷӯён ва дигар гурӯҳҳои ҷомеа вохӯриҳо ва суҳбатҳои гуногун доир намудаанд. Ин чорабиниҳо ба шаҳрвандон имконияти бештар барои шиносоӣ бо ҳуқуқу вазифаҳои худ ва инчунин фаҳмиши амиқтари Конститутсия ва қонунҳои кишварро фароҳам оварданд.

Тавассути ВАО маърифати ҳуқуқӣ бо роҳи тарғибу ташвиқи фаъол идома дорад, ки нақши нашрияи “Тоҷикистон” ҳам дар он калон аст. Ин иқдомҳо барои ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии онҳо таъсири мусбат мегузоранд. Дар бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар маърифати ҳуқуқӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он барои ташаккули фарҳанги эҳтироми қонун, арзишҳои демократӣ ва адолат мусоидат мекунад.

**- Аз тарафи Суди конститутсионӣ кадом барномаҳои маърифати ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон роҳандозӣ шуданд?**

- Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалӣ намудани ҳадафҳои "Соли маърифати ҳуқуқӣ" дар соли 2024 як қатор барномаҳои таълимӣ ва маърифатии ҳуқуқиро барои шаҳрвандон роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла, дар соли 2024 намояндагони Суди конститутсионӣ як силсила вохӯриҳо ва суҳбатҳои маърифатӣ баргузор намуданд. Бар асоси нақшаи чорабиниҳо, то имрӯз 70 вохӯрӣ бо коллективҳои меҳнатӣ, сокинони шаҳрҳо ва ноҳияҳои гуногуни кишвар доир гардиданд. Мисол:

- 29 вохӯрӣ дар шаҳри Истаравшан;
- 19 вохӯрӣ дар шаҳри Душанбе бо донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна;
- 10 вохӯрӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва Хатлон, инчунин ноҳияи Варзоб.

**- Чӣ гуна Конститутсияи Тоҷикистон дар 30 соли охир ба рушди низоми ҳуқуқии кишвар ва таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд мусоидат кард?**

- Зери назари Конститутсия дар сӣ соли сипаришуда 17 қонуни конститутсионӣ, 21 кодекс ва зиёда аз 400 қонуни мукаммал қабул шуданд, ки заминаи мустаҳкам барои рушди қонунгузорӣ ва идораи давлатиро фароҳам оварданд. Ин иқдомҳо ба рушди низоми ҳуқуқӣ мусоидат карда, ба Тоҷикистон имкон доданд, ки ба 18 санади ҳуқуқи байналмилалии бисёрҷониба ва 51 конвенсия ҳамроҳ шавад, инчунин 964 шартнома ва созишномаи байналмилалиро ба имзо расонад. Ин раванд нишондиҳандаи иштироки фаъоли Тоҷикистон дар муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад.

Конститутсия инчунин ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он мавқеи хоса додааст, ки яке аз принсипҳои асосии давлатдории ҳуқуқбунёд махсуб меёбад. Дар Конститутсия 34 модда, яъне сеяки он, ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудаанд, ки ин ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор доранд.

Дигар унсури муҳими давлатдории ҳуқуқбунёд таҷзияи ҳокимият аст. Тибқи моддаи 9-и Конститутсия, ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон ба се шоха - қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим шудааст, ки ҳар кадом ҳамчун мақомоти мустақил фаъолият менамоянд. Ин таҷзия ба устувор кардани низоми давлатдорӣ ва ҳифзи волоияти қонун мусоидат намуда, нақши муҳиме дар устувории давлатдории ҳуқуқбунёд дар кишвар бозидааст.

Ба ин тартиб, Конститутсияи Тоҷикистон дар тӯли 30 соли охир на танҳо ба рушди низоми ҳуқуқии кишвар мусоидат намуд, балки пояҳои давлати ҳуқуқбунёдро таҳким бахшид.

**- Суди конститутсионӣ дар татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии онҳо бо қонунгузории дохилӣ ба чӣ тарз иштирок мекунад?**

- Яке аз вазифаҳои калидии Суди конститутсионӣ таъмини мувофиқати шартномаҳои байналмилалӣ, ки ҳанӯз ба қувваи қонун дароварда нашудаанд, бо Конститутсияи кишвар мебошад. Суди конститутсионӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо Конститутсия ба таври васеъ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ истифода мебарад. Зеро, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии кишвар махсуб меёбанд. Ҳангоми қабули қарорҳо, Суди конститутсионӣ на танҳо ба қонунгузории миллӣ такя мекунад, балки аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ истифода мебарад, то мувофиқати қонунгузории дохилӣ бо стандартҳои байналмилалӣ таъмин гардад.

Илова бар ин, Суди конститутсионӣ метавонад хулосаҳои худро дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон меҳоҳад ба онҳо ворид шавад, пешниҳод кунад. Ин раванд мутобиқсозии меъёрҳои байналмилалиро бо қонунгузории дохилӣ таъмин намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва тақвияти волоияти қонун дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**- Суди конститутсионӣ бо дигар судҳои конститутсионии ҷаҳон ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ дорад? Ва ин ҳамкориҳо чӣ таъсироти мусбате ба сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон гузоштаанд?**

> **"САРҚОНУН" МАЪНОҲОИ КАЛИМАИ "КОНСТИТУТСИЯ"-РО ПУРРА ИНЪИКОС НАМЕКУНАД. ОН ТАНҲО БОЛО, БАЛАНД ВА ДОРОИ ҚУВВАИ ОЛӢ ДОШТАНИ ОНРО ИФОДА МЕКУНАД, АММО УНСУРҲОИ ДИГАРИ МУҲИМИ ҲУҚУҚИИ ОНРО, БА МИСЛИ МУҚАРРАР НАМУДАНИ АСОСҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ДАВЛАТДОРӢ, ДАР БАР НАМЕГИРАД.**

- Сол аз сол аст, ки ин ҳамкориҳо бо судҳои конститутсионии кишварҳои дигар, бахусус давлатҳои аъзои ИДМ рушд меёбанд. Дар натиҷаи ин ҳамкориҳо имконият фароҳам меояд, ки таҷрибаҳои пешрафтаи фаъолияти судҳои конститутсионӣ ва усулҳои қабул ва татбиқи санадҳои судӣ омӯхта шаванд. Мубодилаи афкор дар мавриди масъалаҳои муҳими мурофиаи назорати конститутсионӣ барои такмили фаъолияти дохилӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ замина фароҳам меорад.

Илова бар ин, Суди конститутсионӣ бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки ба масъалаҳои рушди назорати конститутсионӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд, ҳамкории фаъол дорад. Аз ҷумла, ҳамкориҳои он бо Комиссияи Аврупо оид ба демократия тавассути ҳуқуқ (Комиссияи Венетсия) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Ассотсиатсияи мақомоти назорати конститутсионии Авруосиё ва Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии Осиё ба таври назаррас рушд мекунанд.

Ҳадафи асосии ин ҳамкориҳо табодули таҷриба ва саҳмгузорӣ дар ҳалли масъалаҳои доғи назорати конститутсионӣ мебошад, ки дар навбати худ ба такмили низоми назорати конститутсионӣ ва беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Таҳкими чунин ҳамкориҳо барои рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон заминаҳои мустаҳкам эҷод намуда, боиси татбиқи таҷрибаҳои байналмилалии пешрафта дар фаъолияти Суди конститутсионӣ мегардад.

**- Чӣ гуна фаъолиятҳои маърифатии ҳуқуқӣ метавонанд ба афзоиши шуур ва дониши ҳуқуқии шаҳрвандон кумак расонанд ва кадом барномаҳои хоса дар ин самт пешбинӣ шудаанд?**

- Фаъолиятҳои маърифатии ҳуқуқӣ дар ҷомеа барои баланд бардоштани шуур ва дониши ҳуқуқии шаҳрвандон аҳамияти калидӣ доранд. Онҳо на танҳо ба шаҳрвандон кумак мерасонанд, ки ҳуқуқу вазифаҳои худро фаҳманд, балки инчунин ба ташаккул додани маданияти ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат менамоянд. Ин раванд ба риояи қонунҳо, пешгирии қонунвайронкуниҳо ва таҳкими волоияти қонун кумак мекунад. Ҳангоми татбиқи фаъолиятҳои маърифатии ҳуқуқӣ, ҳамчунин муҳим аст, ки диққати махсус ба таълим ва тарбияи насли наврас, ки ояндаи ҷомеа ҳастанд, дода шавад.

Барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои хос ва санадҳои меъёрӣ қабул шудаанд. Чунин барномаҳо ва санадҳо низоми ҳуқуқии мамлакатро танзим ва рушди маърифати ҳуқуқиро дар ҷомеа таъмин менамоянд.

Саволе, ки имрӯз аз ҳамарӯза дида барои Тоҷикистон муҳим аст: Барои ҷалби бештари ҷавонон ба мафҳумҳо ва арзишҳои Конститутсия, инчунин фаъолтар намудани онҳо дар ҷараёни давлатдорӣ ва ҳуқуқ, якчанд иқдомот метавонанд таъсиргузор бошанд:

Ман чанде аз онҳоро номбар мекунам, ки дар шароити кунунӣ муҳим ва арзишманд ҳастанд:

1. Таълими ҳуқуқ дар мактаб ва донишгоҳҳо: Таҳким бахшидани барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва донистани Конститутсия аз синфҳои поёнӣ то донишгоҳҳо метавонад кумак кунад, ки ҷавонон аз ибтидо бо қонунҳо ва ҳуқуқҳои худ шинос шаванд ва арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқии ҷомеа бароишон равшан гардад.

2. Баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва интерактивӣ: Чорабиниҳои гуногуни интерактивӣ, ба монанди давраҳои суҳбат, мизҳои мудаввар, конференсияҳо ва озмунҳо дар мавзуҳои ҳуқуқ ва Конститутсия метавонад як платформаи муҳими ҷалби ҷавонон гардад. Инчунин, истифодаи технологияҳои нав, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайнӣ низ метавонад барои таблиғ ва фаҳмонидани мафҳумҳои конститутсионӣ истифода шавад.

3. Фаъол гардонидани иштироки ҷавонон дар корҳои ҷамъиятӣ: Ҷалб намудани ҷавонон ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ метавонад онҳоро фаъолтар ва ҳушёртар созад. Инчунин, ташкили тренингҳо ва курсҳои махсус барои омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонад ба онҳо имкони бештаре диҳад, то дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатдорӣ саҳми худро гузоранд.

4. Паҳн кардани таҷрибаи мусбати ҷавонони фаъол: Интихоб ва паҳн кардани таҷрибаи беҳтарини ҷавононе, ки дар таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ саҳмгузор буданд, метавонад илҳомбахш бошад ва дигар ҷавононро ташвиқ кунад, ки дар фаъолияти давлатӣ ва риояи қонунҳо фаъолтар шаванд.

Хушбахтона, имрӯзҳо мо мебинем, ки ҷавонон ба мафҳум ва моҳияти Конститутсия таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодаанд. Дар вохӯриҳо ва баромадҳои онҳо дар ВАО, онҳо бомасъулият иштирок мекунанд ва фикрҳои худро оид ба риояи қонунҳо баён менамоянд. Ҷавонон дарк намудаанд, ки пешрафти ҷомеа бевосита аз иҷрои қатъии меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо вобаста аст.

**- Саволи охирин: медонем, ки шумо яке аз хонандагони фаъоли нашрияи мо ҳастед. Чӣ шуморо водор месозад, ки ҳафтаномаи “Тоҷикистон”- ро мутолиа намоед?**

- Ҳафтаномаи "Тоҷикистон" на танҳо ахбори навтаринро таҳлил ва интишор мекунад, балки хонандагонро водор месозад, ки дар бораи масъалаҳои муҳим ва тақдирсози ҷомеа андеша намоянд. Ҳар як шумораи нашрия бо мақолаҳои таҳлилӣ, мусоҳибаҳо бо шахсони барҷаста ва муаллифони ботаҷриба ғанӣ мебошад, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандон дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, ман мутмаинам, ки "Тоҷикистон" на танҳо манбаи иттилооти боэътимод аст, балки воситаи муҳими тарғиби ғояҳои миллӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандони кишвар мебошад. Тавассути мутолиаи ин нашрия, хонанда на танҳо аз рӯйдодҳои охири кишвар ва ҷаҳон огоҳ мешавад, балки дониши фаҳмишашро дар бораи қонунгузорӣ, ҳуқуқи инсон ва масъулияти шаҳрвандӣ такмил медиҳад.

# ИТТИҲОДИ АВРУПО ТАҶРИБАҲОИ МУОСИРИ КИШОВАРЗИРО ТАРҒИБ МЕКУНАД

**Дар доираи Лоиҳаи рушди фарогири деҳот/TRIGGER, Иттиҳоди Аврупо сафари омӯзишӣ ба Арманистонро барои 13 шарикони лоиҳа, намояндагони ташкилотҳои зерин дастгирӣ намуд: Барномаи рушди дастгирии ҷомеаҳои минтақаҳои кӯҳӣ (МСДСП), Ташкилоти ҷамъиятии (ТҶ) “Азал”, ТҶ “DCBER Ҷиргатол”, ТҶ «Ассотсиатсияи «Зан ва ҷомеа», ТҶ “CBER Суғд” ва Бунёди Оғохон.**







Сафари омӯзишӣ дар бораи таҷрибаҳои муосири кишоварзӣ, идоракунии тиҷорат ва ҷалби ҷомеа барои татбиқи тиҷорат фаҳмиши арзишманд дод. Шарикони Лоиҳа имконияти беназире доштанд, ки аз маконҳои гуногуни Арманистон, аз қабили деҳаҳои Артени ва Цағкунк, инчунин минтақаҳои Армавир, Гарни, Ҳовташат ва Арарат дидан кунанд.

Иштирокчиён аз татбиқи бомуваффақияти ISO 22000-и “Artin Dried Fruit” омӯхтанд, ки аҳамияти назорати сифат, идоракунии хавфҳо ва сертификатсияро дар ноил шудан ба бартариҳои рақобатӣ таъкид мекунанд. Лоиҳаи Гагарин стратегияҳои самараноки идоракунии устувори захираҳо, ҷалби ҷомеа ва ҳифзи меросро нишон дод. Илова бар ин, ширкати меваҳои хушк “Sun Cheers” мушкилоти беназири тиҷорати занонро нишон дод ва нақши муҳими дастгирии оила ва ҷомеаро дар бартараф кардани маҳдудиятҳои ҷомеа нишон дод. Ғайр аз ин, боздид аз «Garni Garden» ва «Garni Kotayk Berry Production» дар бораи парвариши чормағз ва буттамева маълумоти амалӣ дода, аҳамияти таҷрибаҳои устувор, таваҷҷуҳи бозор ва мутобиқшавӣ ба мушкилоти экологиро таъкид карданд.

Илова бар ин, иштирокчиён усулҳои муосири истеҳсоли помидор дар гармхонаҳои “NewGroup”, аз ҷумла обёрии дақиқ ва мубориза бо ҳашароти зараррасонро мушоҳида карданд. Ба ғайр аз ҳамаи ин дар маркази илмии зироатҳои сабзавотӣ ва саноатӣ роли тадқиқот дар бобати ҳосил намудани навъҳо, таҳлили хок, ошкор намудани ангезандаи касалии растаниҳо қайд карда шуд.

Сафари омӯзишӣ ба иштирокчиён дар бораи таҷрибаҳои муосир дар истеҳсоли хӯрокворӣ, идоракунии тиҷорат ва ҷалби ҷомеа маълумот дод. Таҷриба ва донишҳои бадастоварда ба қобилияти иштирокчиён дар татбиқи таҷрибаҳои инноватсионӣ ва сохтани стратегияҳои муассири тиҷорат дар заминаи худ мусоидат хоҳад кард.

**Барои гирифтани маълумоти муфассал, лутфан муроҷиат намоед: Шарофат Ашурова, тел.: (+992) 987270046, почтаи электронӣ: sharofat.ashurova@giz.de**

# ОМОДА КАРДАНИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ БА СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Дар доираи Лоиҳаи рушди фарогири деҳот/TRIGGER, Иттиҳоди Аврупо тренинги омӯзишӣ оид ба таъмини интегратсионӣ барои деҳқононро бо стандартҳои Global GAP (Услуби хуби кишоварзӣ) дастгирӣ намуд. Ин иқдоми муҳим барои такмил додани усулҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон бо ташабусси Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) ташкил шудааст.**







Ин омӯзиш барои деҳқонони маҳаллӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ барои риоя кардани стандартҳои байналмилалии кишоварзӣ, инчунин роҳ ёфтан барои дастрасӣ ва воридшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ кумак хоҳад кард.

Стандартҳои Global GAP (фарзияи 6) талаботҳои нав, ки бо мақсади рушди амалҳои кишоварзии устувор, беҳтар кардани сифатнокии хӯрок ва боло бурдани сифати маҳсулотро муаррифӣ менамоянд, таҳия гардидааст. Омӯзиши дарсдиҳандагони (дорандагони) ин фарзия барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро тавассути ин маҳсулоти кишоварзии маҳаллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ шуда, ҷиҳатҳои муҳими савдои содиротии кишварро афзун менамояд.

Вазорати кишоварзӣ тамоми чораҳоро барои дастгирии омӯзиши интегратсионии фермерӣ роҳандозӣ мекунад, ки ин таҳаммули кӯшишҳо барои беҳтар кардани усулҳои истеҳсолот, зиёд кардани рақобатпазирӣ ва фоида ба деҳқонон, инчуин коҳиш ёфтани рушди иқтисодиётро дар мамлакат тақвият мебахшад.

Намояндагони калидӣ аз ҳисоби кормандони бахшҳои гуногун, аз он ҷумла Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мутахассисони кишоварзӣ аз ш. Хуҷанд, Лахш, Рашт ва Кушониён барои иштирок дар ин барномаи омӯзишӣ ҷамъ омадаанд.

Тавассути Лоиҳаи рушди фарогири деҳот/TRIGGER омӯзиши мазкур барои интиқоли донишҳо ва ташкили шабакаи мутахассисони ботаҷриба, ки стандартҳои Global GAP-ро дар минтақаҳои худ татбиқ мекунанд, кумак хоҳад кард.

Дар ҳоле, ки Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки дар бозори ҷаҳонии кишоварзӣ мақоми рақобатӣ пайдо кунад, Вазорати кишоварзӣ ташаббускор ва ҷонибдори манфиатҳои мувофиқат кардан ба сифат, талабот ва рушди устувор мебошад.

**Барои гирифтани маълумоти муфассал, лутфан муроҷиат намоед: Шарофат Ашурова, тел.: (+992) 987270046, почтаи электронӣ: sharofat.ashurova@giz.de**

# ЛАТУКӮБИ ОМӮЗГОР ДАР ВАҲДАТ

**Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон латукӯби Файзихон Раҷабова, омӯзгори мактаби №8-и шаҳри Ваҳдат аз ҷониби модари яке аз хонандагони синфи 8-ро “қонунвайронкунии ҷиноятӣ” номид.**






Файзихон Раҷабова, омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи мактаби №8-и шаҳри Ваҳдат рӯзи 5-уми октябри соли равон аз ҷониби Фируза Сармисоқова, модари Шаҳзода Муминова, хонандаи синфи 8 “г” латукӯб шудааст.

Хадамоти матбуоти Вазорати маориф ва илми кишвар хабар медиҳад, ки ҳодиса баъди он сар задааст, ки Шаҳзода Муминова дар дарси “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” раванди дарсро чанд маротиба вайрон карда, ба таъкидҳои муаллима баръакс вокуниш нишон додааст.

“... Дар раванди дарс вобаста ба якчанд ҳолатҳои вайронкунии дарс омӯзгор аз хонанда Муминова Шаҳзода эрод гирифта, хонанда бошад, худро ислоҳ накарда, ба эродҳои омӯзгор вокуниш нишон медиҳад, ки дар натиҷа байни онҳо баҳс ба миён омада, муаллима маҷбур мешавад, ки ба рафтори хонанда баҳои “2” гузорад”,- гуфта мешавад дар хабарномаи вазорат. Вақте ки модари хонанда аз бахси фарзандаш бо муаллима огоҳ мешавад, “бо мақсади танбеҳи омӯзгор” ба мактаб рафта, “дар дохили синфхона бо Файзихон Раҷабова ҷанҷол намуда, омӯзгорро зери латукӯб қарор додааст”.

Гурӯҳи кории вазорат бо такя ба Иттифоқи касабаи ин мактаб навиштааст, ки Файзихон Раҷабова 4 сол боз дар муассиса кор мекунад ва “муносибаташ бо аҳли кормандон ва хонандагон хуб буда, ягон арзу шикоят нисбати ӯ то ин дам ба Иттифоқи касаба ворид нагардидааст”.

Файзихон Раҷабова дар робита ба ҳодисаи мазкур ба Шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Ваҳдат муроҷиати расмӣ кардааст ва ҳоло тафтиши ҳодиса идома дорад.

Ёдовар мешавем, ки Файзихон Раҷабова бо нашри як муроҷиатнома аз Рустами Эмомалӣ, шаҳрдори Душанбе ва раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон хоста буд, ки ҳодисаи латукӯби ӯ аз ҷониби волидайни як хонанда таҳқиқ карда шуда, нисбати гунаҳкорон чора андешад.




**Фаррух Носиров, роҳбари дастгоҳи шаҳри Истиқлол бо гумони қаллобӣ аз сӯи Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон боздошт шудааст.**

Носиров баъди дастгир шуданаш аз вазифа озод гардида, ҳамчунин, ваколати вакилиаш дар Маҷлиси вакилони халқ бекор шудааст. Ӯ ба он гумонбар мешавад, ки се сол пеш ҳамчун миёнарав дар хариду фурӯши хона аз чандин нафар маблағ гирифта, ба манфиати онҳо коре накардааст. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки Носиров барои хусусӣ кардани манзили давлатӣ аз шаҳрванд 45 ҳазор сомонӣ пора гирифтааст.



**Дар шаҳри Бохтар беш аз 200 саг безарар карда шуд. Сабаби безарар кардани сагҳои бесоҳиб - ин пешгирӣ аз осеб расонидан ба сокинон аст.**

Масъулин мегӯянд, ки безарар кардани ҳайвонҳои бесоҳиб ба хотири осеб надидани сокинон ва пешгирӣ аз бемории ҳорӣ аст. Бо вуҷуди ин, дар нуҳ моҳи соли равон 79 нафар аз сагҳои дайду зарар дидаанд, ки назар ба соли 2023-юм 12 ҳолат кам мебошад. Гуфта мешавад, ки гирифтории сокинон ба бемории ҳорӣ ва фавт ба қайд гирифта нашудааст.

# БОЗДОШТИ МАНСАБДОР БО ҶУРМИ ҚАЛЛОБӢ



**Шомурод Мирзоеви 53-сола, сардори Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи А. Ҷомӣ бо гумони қаллобӣ дастгир шудааст. Дар ин бора Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон хабар дод.**

Гуфта мешавад, ки номбурда бо роҳи фиреб маблағҳои сокинони ноҳияро тасарруф кардааст. “Шомурод Мирзоев, сокини деҳаи Обшорони ҳамин ноҳия аз ин пеш барои кирдорҳои ғайриқонуниаш 5 маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст”,- менависад манбаъ. Гумонбаршаванда қаблан ҳангоми дар вазифаи раиси ҷамоати деҳоти Каленини ноҳияи А. Ҷомӣ кор карданаш низ аз шаҳрвандон бо ваъдаи дар муддати кӯтоҳ ба онҳо ҷудо кардани китъаи замин маблағҳои зиёдеро гирифтааст. “Вале талошҳои нафарони ба доми фиреби Мирзоев Ш. афтода оид ба соҳиб шудан ва ё баргардонидани маблағҳои пулиашон бенатиҷа анҷомида, онҳо маҷбур мешаванд, ки ба кормандони милитсия муроҷиат намоянд”,- меафзояд РВКД дар вилояти Хатлон.

Гуфта мешавад, Шомурод Мирзоев дар 26 ҷинояти қаллобӣ гумонбар дониста мешавад ва зарари расонидааш ба шаҳрвандон 600 ҳазору 333 сомониро ташкил медиҳад. Манбаъ менависад, ки номбурда ҳамаи он маблағҳоро ба эҳтиёҷоти шахсияш сарф кардааст. Нисбати Шомурод Мирзоев бо моддаи 247 Кодекси ҷиноятӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст. Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон аз шаҳрвандоне, ки ба доми фиреби ӯ афтодаанд, хоҳиш кардааст, ки ба ШВКД дар ноҳияи А.Ҷомӣ ва ё маҳали зисти худ муроҷиат намоянд.




**Кормандони раёсатҳои ВКД ва Хадамоти федералии амният (ФСБ)-и Русия дар вилояти Иркутск муовини раиси диаспораи тоҷикон ва раиси маркази миллии ӯзбеконро ба гумони даст доштан дар ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ боздошт намуданд.**

Ба иттилои Сарраёсати ВКД Русия дар вилояти Иркутск, аз моҳи январи соли ҷорӣ роҳбарони ду диаспора дар ҳамдастӣ бо маркази таълими иловагӣ ба ивази пул ба шаҳрвандони хориҷӣ дар бораи донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Русия сертификат (гувоҳнома) дода, он минбаъд ба мақомоти муҳоҷирати ВКД пешниҳод мешудааст.

# ҲАМЛА БАРОИ 37 СОМОНӢ

**Вазорати корҳои дохилӣ кордзанӣ ба Беков Зиёвиддин, ронандаи ширкати “Як таксӣ”-ро, ки 15-уми январи соли 2024 рух дода буд, шарҳ дод. Ёдовар мешавем, ки “Тоҷикистон” дар бораи ин ҷиноят борҳо навишта буд.**

ВКД чанде қабл эълон кард, ки гумонбар Абдуҷаббор Ғозиевро аз зиндон пайдо кардааст. Ӯ баъди ҳодисаи мазкур дар ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ барои содир намудани силсилаҷиноятҳои дуздӣ охири моҳи январ дастгир гардида, равонаи зиндон шудааст.

ВКД мегӯяд, ки дастгиршуда зимни пурсиш ба ҷинояти худ иқрор шуда, сабаби корд заданаш ба ронандаи таксиро шарҳ додааст.

“Пулам намерасид, барои ҳамин хостам гурезам ва ронандаи таксиро ба ҳамин ҳол расонидам. Бо ин мақсад ӯро ба ҳамин тангкӯча овардам. Ӯ дар пеш ва ман дар қафои мошин нишаста будам, гапамон гурехт ва ҳамон лаҳза аз қафо ба дасташ бо корд задам”,- мегӯяд дар навори гузориш Ғозиев.

Нисбати ӯ тибқи талаботи моддаи 110 Кодекси ҷиноятӣ (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, аз 5 то 8 соли зиндон пешбинӣ шудааст.



Ҳамла ба Беков Зиёвиддин субҳи 15-уми январи соли равон дар минтақаи Яккачинори шаҳри Душанбе сурат гирифт. Ба ӯ мусофир баъди аз рӯи ҳисобкунак талаб кардани пули роҳкиро - 37 сомонӣ 8 зарби корд зада, фирор карда буд.

Ёдовар мешавем, ки милитсияи пойтахт аз дастгир шудани гумонбари ҳамла ба ронандаи таксӣ охири моҳи июл хабар дода буд. Гумонбари ин ҷиноят беш аз 6 моҳ дар ҷустуҷӯ қарор дошт.

Милитсия ваъда дода буд, ба шахсе, ки дар муайян ва дастгир кардани ин нафар мусоидат мекунад, 100 ҳазор сомонӣ мукофот медиҳад.

# ФИРОР АЗ БЕМОРИҲОИ ТИРАМОҲӢ



**Моҳи октябр ҳарорати ҳаво якбора паст шуда, дар аксар манотиқи кишвар алакай боридани боронҳои бошиддат мушоҳида шуданд. Табибон мегӯянд, ки ин тағйирёбии ҳаво ба вазъи саломатии одамони синну соли гуногун таъсири манфӣ мерасонад ва боиси авҷи бемориҳои мавсимӣ мегардад.**

## Зуком меояд!

Бо фарорасии фасли тирамоҳ, ки тағйирёбии зуд-зуди ҳаво, боду борон, намнокӣ оғоз мешавад, бемориҳои музмин ва зуком хуруҷ мекунанд.

Дар тирамоҳ ҳама бемориҳое, ки дар шакли музмин қарор доранд, шадидтар мешаванд ва ба рӯҳияи инсон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари авҷи бемории зуком бемориҳои мавсимӣ, ба монанди хастагӣ, хоболудӣ, депрессияи тирамоҳӣ, касалиҳои вирусии роҳҳои болоии нафас, систит, бемориҳои системаи мушакҳо, ҳассосияти пӯст ва афзоиши вазн низ ба мушоҳида мерасанд.

Дар хотир бояд дошт, ки афсурдаҳолӣ ва асабоният метавонанд сабаби мушкилоти саломатӣ дар тирамоҳ бошанд. Аз ин рӯ, шумо бояд дар рӯҳияи мусбат зиндагӣ карданро ёд гиред ва аз ҳаёт лаззат баред. Ва муҳимтар аз ҳама, бидонед, ки мушкилии мавсимии саломатӣ метавонад муваффақона ҳал шавад, агар шумо сабаби пайдоиши онро сари вақт фаҳмед.

## Сабаби беморӣ

Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши бемории мавсимӣ - ин системаи заифи иммунитет мебошад. Инчунин дар фасли тирамоҳ мубодилаи моддаҳо дар бунияи инсон камтар шуда, масунияти бадан ва тобоварии он ба аксари бемориҳо суст мешавад.

Камтар шудани гармии офтоб, омезиши сардию гармии шабонарӯзӣ, фаро расидани сардиҳои субҳгоҳӣ ва дигар хусусияти табиии фасли тирамоҳ ба ин сабаб мегарданд. Аз ин рӯ, шумо бояд тамоми сол барои саломатии худ ғамхорӣ кунед: аввалан бояд маҳсулоти табиӣ интихоб ва ғизои солим истеъмол кунед, дуруст истироҳат ва варзиш намоед. Фаромӯш набояд кард, ки дар ҳаёт омилҳои зиёди берунӣ мавҷуданд, ки системаи масуниятро доимо заиф мекунанд.

## Чӣ бояд кард?

Ба гуфти мутахассисон, барои пешгирии бемориҳои гуногун дар ин мавсим инсон бояд мутобиқи боду ҳаво либос пӯшад, то таъсири сардиҳои тирамоҳро ба бадани худ камтар созад.

Дигар нуктаи муҳим - ин тағйир додани ғизо дар ин мавсим аст. Агар дар фасли тобистон одамон асосан нӯшокиҳои ташнагишикан ва хӯроки сабуки камравған истеъмол кунанд, дар тирамоҳу зимистон маводи серғизо ба бадани инсон фоидаи хуб дорад.

Омили дигар - ин тағйири реҷаи рӯз, машқҳои варзишӣ ва истироҳату фароғат аст. Хуруҷ кардани бемориҳои мавсимӣ асосан аз риоя накардани ана ҳамин талабот ва реҷаи рӯз маншаъ мегирад.

# ПИЁЗ ДУШМАНИ САРМОХӮРӢ

**Дар таркиби пиёз кислотаи фосфорӣ мавҷуд аст, ки дар организм ҳал мешавад ва барои тоза кардани хун мусоидат мекунад. Бинобар ин духтурон баъзан маслиҳат медиҳанд, ки ҳангоми сармо хӯрдан ба даруни ҷӯроб пиёз гузошта хоб рафтан бемориро рафъ мекунад.**



Агар шабона пораи пиёзро ба поятон гузошта, аз болояш ҷӯроб пӯшида хобед, дар баробари рафъи сармохӯрӣ ба тоза кардани хун низ мусоидат мекунад. Пиёз хунро тоза карда, патоген ва токсинҳоро филтр мекунад. Илова бар ин, гузоштани пиёз ба пойҳо ҳамчун массажи рефлексологӣ амал мекунад ва барои рафъи ихтилоли гардиши хун мусоидат менамояд.

# ШАРБАТИ АНГУР - ЭЛИКСИРИ ҶАВОНӢ

**Фоидаи шарбати ангур аз витаминҳо, минералҳо ва дигар моддаҳои биологӣ вобаста аст. Таркиби шарбати ангури навҷамъовардашуда аз витаминҳо, минерал, кислотаҳои органикӣ, фруктоза ва сахароза, нахи ғизоӣ, антиоксидантҳо ва ғайра иборат аст.**



Таркиби ин нӯшокӣ дорои антиоксидантҳои хеле қавӣ мебошад, ки амали радикалҳои озодро безарар мегардонанд. Ин моддаҳо ҳуҷайраҳои вайроншударо барқарор мекунанд, рушди равандҳои варамро манъ мекунанд. Дар таркиби шарбати ангури табиӣ миқдори кофии калий мавҷуд аст. Ин элемент фишори хунро баробар мекунад, онро коҳиш медиҳад ё афзоиши рақамҳои патологиро пешгирӣ мекунад. Ба эътидол овардани фишори хун гирифторӣ ба инсулт, сактаи дил ва дигар бемориҳои ҷиддии системаро пешгирӣ мекунад.

Моддаҳое, ки дар шарбати табиии ангур мавҷуданд, рагҳои хунро аз холестерини бад пок ва мустаҳкам мекунанд, люмени озод дар рагҳо зиёд мешавад. Витаминҳо дар шарбати ангур барои ҳифзи биноӣ мусоидат мекунанд. Ин нӯшокӣ аз пайдо шудани бисёр бемориҳои чашм пешгирӣ мекунад. Флавоноидҳо таъсири антиоксидант доранд ва хосиятҳои муҳофизатии сафедаҳоро дар ретина зиёд мекунанд. Дигар антиоксидантҳо инчунин рушди катаракта ва глаукомаро бозмедоранд.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Шумо тавре рафтор мекунед, ки шарикони корӣ гумон мекунанд пешакӣ аз ҳама гапу кор огаҳӣ доред. Ин ҳолат садди роҳи накшаву ниятҳоятон мегардад. Дар муносибат бо шахси дӯстдошта баъзе камбудиҳои худро рафъ намоед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Аз нафароне маслиҳату тавсия пурсед, ки дар касбу кори худ мутахассис бошанд. Эҳтимоли ба андешаи ғалат гӯш доданатон зиёд аст. Бо дӯстдоштаи худ самимӣ бошед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Агар ба назаратон чунин намояд, ки аз уҳдаи кори худ баромада наметавонед, кӯшишу маҳорати доштаатонро ба кор баред. Дар акси ҳол кори худро аз даст медиҳед. Шубҳаву гумони ботил боиси сар задани нофаҳмӣ миёни шумову шахси дӯстдоштаатон мегардад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Имкони хуби расидан ба зинаҳои мансаб пеш меояд. Барои пешравии кор тамоми кӯшиши худро харҷ намоед. Дӯстдоштаи худро бо саволи «дӯстам медорӣ?» ҷонбезор накунед, бехтараш худатон содикона дӯст доред, он гоҳ муҳаббати ёратонро бараъло эҳсос хоҳед намуд.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Атрофиёнро танқид накунед, вагарна худатон низ мавриди танқид қарор мегиреду ба худ душман мехаред. Бехтараш дар лаҳзаҳои мушкил дасти кумак дароз кунед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Аз вазъиятҳои пурмочаро ва мушкилиҳо гурезед, вагарна гунаҳкори бегунох мешавед. Агар яккаву танҳо будан нахоҳед, нисбати дӯстдоштаи худ хеле меҳрубон бошед. Серкорӣ ва ташвиши зиёд боиси хароб гаштани асаб мегардад.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дар ин ҳафта бояд коре кунед, ки роҳбарият нисбати шумо дилгарм шавад. Ба коре, ки боиси танқиду эроди роҳбар мегардад, даст назанед. Агар шарм ва тарсро аз худ дур созед, ба мақсад мерасед. Орзуву ҳавасҳои худро амалӣ созед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Мушкилиҳои рӯзгор ба касбу коратон таъсири худро гузошта, нақшаҳоятон барбод мераванд. Нофаҳмиҳоеро, ки миёни шумову ошиқатон сар мезананд, бояд сари вақт рафъ намоед. Ғами наздикони худро хӯрда, гирифтори бемории остеохондрози миён мегардед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Вазъият тавре сурат мегирад, ки хоҳиши харҷи зудтар иваз намудани ҷойи кор дар дилатон пайдо мешавад, вале айни замон аз ин амал худдорӣ намоед. Дудилагӣ ва фикри зиёд сабабгори ба ҳолати яъсу ноумедӣ афтоданатон мегардад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Роҳе, ки дар ин ҳафта интихоб мекунед, шуморо ба мақсад мерасонад. Дар баробари ин, эхтимоли он ки касе ҷойи коратонро гирифтан мехоҳад, зиёд аст. Аз ваъдаҳои хушку холӣ суде нест, бехтараш барои шахси дӯстдоштаатон некӣ кунед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Имкони хуби беҳтар сохтани вазъи молиявиро пайдо мекунед. Чунин имкониятӣ ногаҳонӣ танҳо як бор пайдо мешавад. Дар олами ишқу муҳаббат парвоз карда, ҳамаро хушбахт кардан мехоҳед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ба корҳои шубҳаноку макру ҳилла роҳ надиҳед, вагарна аз нони даҳони худ мемонед. Дар ҷойи кор, ҳангоми кори хона ва зимни муносибатҳои маҳрамона аз ҳад зиёд ба серҳаракатӣ роҳ надиҳед, ҷисми шумо ба истироҳат ниёз дорад.

# «СВЕРХЗАДАЧА»

(Аввалаш дар саҳ. 16)

Мо мушоҳида кардем, ки меҳмонон ягон-ягон ба назди арӯсу домод омада, онҳоро ба оғӯш гирифта мебӯсиданду таманниёту табрикоти хешро ироа карда мерафтанд. Давлат бо дидани ин ҳолат ва бо хондани номи домоду арӯс лаҳзае таваққуф карду сипас бо қадамҳои устувор сӯи тахти арӯсӣ ҳаракат намуд. Ман низ чун муаллифи "проэкти" мазкур аз пайи Давлат бо ҷуръати хоса қадам зада, ба назди Эдику Сара расидем. Эдик қариб ду метр қад дошт. Бо тақозои иҷрои супориш ё масъалаи басо муҳим ("Сверхзадача") донишҷӯи курси режиссёрии Донишкадаи Ленинград Давлати кӯтоҳкомат Эдики думетраро чунон ба оғӯш гирифта, бо забони тозаи русӣ чунон табрикаш гуфт, ки Эдик чанд лаҳза яҳудӣ будани худро фаромӯш кард. Сипас Давлат афзуд: «Эдикҷон, бубахш, ки ҳамаи бачаҳо ба табрики ту омада натавонистанд. Маро муваззаф намуданд, ки аз номи ҳама омада туро мустақиман бо издивоҷат табрик гӯям. Мо онҷо бо бачаҳо барои хушбахтии туву Сара нӯшидему нӯшбод гуфтем. Мо онҷо шароб дорем, вале агар иҷозат диҳӣ, ба бачаҳо аз шароби тӯйхона ягон шиша барам, лазизтару гуворотар хоҳад буд, зеро шароби тӯй ба ҳар ҳол шароби тӯй аст, хосияту баракати худро дорад». Эдики ҳайратзада бе ҳарфу гап ба сӯи як шишаи кушодагиву нимшудаи шароб бо сар ишора карда буд, ки Давлат бо чолокии ба худ хос аз рӯи мизи захиравӣ бо ду даст ду шишаи пури шароби "Экстра"-ро гирифта ба оғӯш кашиду сӯи дарвоза шитофт. Ин лаҳза ман низ Эдикро ба таври худ оғӯш гирифта, табрик гуфтаму оромона аз тӯйхона бадар рафтам. Дар лаҳзае, ки Давлат шишаҳоро ба оғӯш кашид, Шавкату Ҳикматулло, ки назди дарвоза истода буданд, аз тарс думро хода карданд...



Вақте ки масъалаи басо муҳим ("Сверхзадача") бо амалиёти гурӯҳи зудамал ба иҷро расид, нишасту зиёфати мо мақоми байналмилалӣ касб кард ва мо худро дар Тел-Авиву Ню-Йорк, Маскаву Ленинград ва Иерусалиму Бухоро эҳсос карда, барои саломатӣ ва хушбахтии Эдику Сара нӯшбодҳо мегуфтем. Лаззату кайфияти рӯҳиву равонии моро он лаҳзаҳо ҳадду канор набуд...

Тақрибан соатҳои 2-и шаб ману Давлат ба хонаашон омадем. Модар тибқи одати ҳамешагии худ чашм ба роҳи писари ягонаашон бедор буданд.

- Бачаҳои ширинам, то ин бевақтӣ куҷо буден!?,- пурсиданд модар.

- Дар тӯйи Эдик будем, очаҷон,- ҷавоб додем мо.

- Худо Эдика хушбахту бо арӯсаш кӯшапир кунад!,- даст ба дуо бардоштанд модари покдилу поктиннат, содаву содапиндор.

Қиссаи тӯйи Эдику Сара ва амалиёти гурӯҳи зудамали мо барои иҷрои масъалаи басо муҳим ("Сверхзадача") то ҳол вирди забонҳост...

**Ортиқ ҚОДИР,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

# ВАЗЪИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ. 5)

Бояд таъкид кард, ки мувофиқи шароитҳои таърихӣ ва дар Ӯзбекистони кунунӣ асрҳо боз муқим будани тоҷикон ва тоҷикзабононро ба эътибор гирифта, дар асоси Қонун "Дар бораи забони давлатӣ" дар Ӯзбекистон ба забони тоҷикӣ бояд мақоми давлатӣ дода шавад. Дар ин замина имкон дорад, ки масъалаи мақоми забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон низ муайян шавад. Чунин ҳолат дар бисёр давлатҳои мутараққии Ғарб, ҳамчун Канада, Норвегия, Шветсия, Австрия ва ғайра чандин даҳсолаҳо муқаддам ба роҳ монда шудааст. Дар Швейтсария 4 забони давлатӣ дар амал аст.



Илова бар ин, барои пойдору мустаҳкам будани ҳуқуқи тоҷикон дар Ӯзбекистон (ҳоло назар ба маълумоти Марказҳои тадқиқоти ҷаҳонӣ, беш аз 11 миллион тоҷикон дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд) талаботи зерин дар асоси қонунҳои Ӯзбекистон амалӣ гардонида шавад:

1. Дар назди Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ӯзбекистон низ 1-2 нафар мутахассиси масъул бошад, ки бо муаммои мактабҳои олии таълимашон ба забони тоҷикӣ ва танзими босаводонаи саволномаҳои тестии имтиҳоноти қабул мутасаддӣ шуда тавонад.

2. Дар назди Вазорати таълими халқӣ бояд 1-2 нафар мутахассисоне бошанд, ки бо тақдиру қисмати мактабҳои тоҷикии Ӯзбекистон машғул бошанд.

3. Дар Маркази таълими ҷумҳурӣ камаш се нафар услубшиноси босавод бошанд, ки тартиби барнома ва китобҳои дарсии мактабҳои тоҷикиро мувофиқи талаботи замон ба сомон расонида тавонанд.

Ҳар як фард асоси таълимро бояд ба забони модарии худ гирад. Беҳуда нагуфтаанд, ки "ҳар кас ба забони худ сухандон гардад, омӯхтани сад забон осон гардад". Шукри беадад, ки ҳоло дар Ӯзбекистон дар қатори забони ӯзбекӣ, русӣ, қароқалпоқӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ба забони тоҷикӣ, ки қариб дар аксар вилоятҳои Ӯзбекистон дастҷамъона зиндагӣ мекунанд, дар баъзе мавзеъҳо дар муассисаҳои томактабии таълим гурӯҳҳои тоҷикӣ низ фаъолият доранд. Вале шумораи онҳо хеле кам буда, бояд зиёд карда шаванд.

Дар ин ҷо боз як нуктаи муҳимро оид ба таълим ба забони тоҷикӣ таъкид кардан ҷоиз аст. Бо саъйу эҳтимоми як зумра устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва омӯзгорони пешқадами мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ дар назди Маркази таълими Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шӯрои илмӣ - услубӣ барои таълими тоҷикӣ низ таъсис ёфт. Мувофиқи талаботи Андозаҳои нави таълим дастурҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ низ тахия ва нашр шуданд. Лекин дар ин бобат низ баъзе норасоиҳои ҷиддӣ рух доданд. Аз ҷумла, аз ҷониби бархе муаллифон таълифу нашри китобҳои дарсии пур аз хатоҳои илмию сиёсию техникӣ ва ғайра ба костани ихлоси мардум аз мактабҳои тоҷикӣ сабаб шуданд.

Президенти мо Шавкат Мирзиёев дар бораи рушди таълим эътибори махсус дода, аз ҷумла таъкид менамояд: «Наҷот - дар таълим, наҷот - дар тарбия, наҷот - дар дониш». Воқеан, ба ҳама гуна мақсадҳои нек ба туфайли дониш ва тарбия муваффақ гаштан имкон дорад.

Хулоса, мо бояд талош кунем, ки ба мақоли машҳури "забони ман - ҷаҳони ман" амал карда, адибон, олимон ва ҳамаи зиёёни равшанфикр дар асоси "Қонун дар бораи забони давлатӣ" ба масъалаи пос доштани забони модарӣ ва эҳтироми забонҳои дигар хайрхоҳона назар карда, ба ривоҷи дузабонагӣ дар Ӯзбекистон саҳми арзанда гузоранд.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**профессор,**
**ш. Самарқанд**

## МАВЛУДНОМА

**10 ОКТЯБР**

**Абдуҳамид Абдуллоев** (1949-2008), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Маҳмудҷон Воҳидов** (1939-1977), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Рашид Мустақимов** (1924-1994), 100-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мирзоазизи Мирзоқанд** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Самиуллои Сайфулло** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

**Полина Хакимова** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Аскар Акаев** (1944), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатии қирғиз, физикдон, узви хориҷии АМИ Тоҷикистон.

**11 ОКТЯБР**

**Анатолий Купсов** (1939), 85-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Раҳматҷон Муҳаммадҷонов** (1914-1997), 110-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Светлана Одинаева** (1939), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Қобилҷон Юсуфов** (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**12 ОКТЯБР**

**Хайрулло Афзалов** (1944-2011), 80-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Бахтиёр Давлатов** (1964), 60-солагии зодрӯзи сарояндаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Искандари Хатлонӣ** (1954-2000), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Ғиёсиддин Мироҷов** (1944), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академики АМИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

**13 ОКТЯБР**

**Роза Зоолшоева** (1939), 85-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Нуриддин Муҳиддинов** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Лидия Чёрная** (1904-1981), 110-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Владимир Комаров** (1869-1945), 155-солагии зодрӯзи ботаник ва географи рус, яке аз роҳбарони Базаи Тоҷикистонии АИ СССР (1932-1943).

**14 ОКТЯБР**

**Лоланиссо Исмоилова** (1929-2012), 95-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Шарофат Қосимова** (19924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Борис Франте** (1909-1978), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**15 ОКТЯБР**

**Лилия Абдушукурова** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Додоҷон Ёқубов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Ҳалим Муъминов** (1934-2004), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос-арабшинос.

**Муҳаммад Зоҳиршо** (1914-2007), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатии Афғонистон.

**16 ОКТЯБР**

**Валентина Козарина** (1939), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Фаршед Каримов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Олга Пижова** (1894-1972), 130-солагии зодрӯзи коргардони театр, профессор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1Ш-8680, аз санаи 27.12.2019, ба номи Баҳриев Сӯҳбатҷон Ҳусейнович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 179, ҳ. 69, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя (договор дарения), №2К-612 аз 28.08.1993, аз Сафаров Шоди Бегович ба номи Сафаров Маҳмадшариф Бегович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, к/с 40-солагии Тоҷикистон, уч. Озодии Занон, ки дар Нотариуси давлатии ноҳияи Ленин ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1242172 ба номи Аслиддинзода Аслиддин Аҳмадҷон, ки соли 2024 аз МТМУ №34-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №121/21, ба номи Хоҷаев Муҳаммадҷон Камолиддинович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №368/19, ба номи Чамбилов Муҳаммадали Одилҷонович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1159968 ба номи Бобохонзода Муҳаммадҷон Сарвар, ки соли 2023 аз ҷониби МТМУ №7-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Шодиева Орзу Бозоровна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. У. Зоконӣ, 1 гузаргоҳ, хонаи 18, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, РТС, №0005659, ба номи Юсупов Рустам Хакимҷонович, ки соли 2001 аз ҷониби МТМУ №91-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА, №0095405, ба номи Ибрагимова Фарангис Ғайбуллоевна, ки соли 2005 аз ҷониби МТМУ №52-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Гадоева Мунира Қувватовна, №0401344, РЯМ: 0331403335, РМА: 037353404, санаи судур 10.05.2019, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи хориҷии шаҳрванди Афғонистон ба номи Расулӣ Наҷибуллаҳ (Rasooli Najibullah), P01473651, 30.09.2018 (тамдид кард аз 05.10.2023 то 05.10.2025) Раёсати паспорти Афғонистон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Давлатов Холназар, ки соли 2022 аз ҷониби Коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри шахсии духтур ба номи Муродов Раҳимҷон Раҳмонович аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №04.22Б (Блок Б), аз 24.01.2022, байни ҶДММ "Нил Иншоот" ва Азамов Аҳтамҷон Ашрафович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Бухоро 33, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сафаров Маҳмадшариф Бегович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Озодии Занон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A4009627, ба номи Ибодова Альфия Эргашевна, ки санаи 02.02.2006 аз ҷониби ШКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №21377, аз санаи 03.01.2020 ба номи Баҳриев Сӯҳбатҷон Ҳусейнович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 179, ҳ. 69, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ аз санаи 23.12.2019 ба номи Баҳриев Сӯҳбатҷон Ҳусейнович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 179, ҳ. 69, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A02520780, ба номи Турманов Нематилло Изатиллоевич, ки санаи 23.09.2019 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №43473, аз санаи 20.05.2021 ба номи Малахова Дилафруз Назрихуджаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҷ. Расулов 57/3, ҳ. 10, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Иброҳимов Наби, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Роҳи нав, хонаи 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ ва шаҳодатномаи ронандагӣ ба номи Таибов Сайфиддин Муродович, ки аз ШВКД ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникии воситаи нақлиёт бо ҳуҷҷатҳои солона, рақами давлатиаш (1987FK01), ба номи Раҳмонов Нуриддин Тағоевич, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Мардикор", №1, РЯМ: 040066681, РМА: 0410044012, воқеъ дар ноҳияи Сино, к. Ҷ. Расулов, х. 6/1, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешавад.

# «ХОҲАРАКОН»-И КОНИБОДОМ

## дар роҳи эҳёи сурудҳои халқӣ

**Дар шаҳри Конибодом Ансамбли фолклорӣ-этнографии “Хоҳаракон” солҳои зиёд аст, ки ба тарғиби сурудҳои халқӣ ва урфу одатҳои деринаи миллати тоҷик машғул аст.**

### Таърихи ансамбл

Ансамбл бо ташаббуси мудири шуъбаи фарҳанги шаҳр, Корманди шоистаи Тоҷикистон Нуъмонҷон Раҳимҷонов соли 1990 таъсис дода шуда буд. Аввалин роҳбари бадеии даста Аълочии фарҳанги Тоҷикистон Фазилат Ҷӯраева ва роҳбари мусиқӣ Абдуваҳҳоб Содиқов буданд. Ҳоло роҳбари бадеӣ Фурқат Иброҳимов мебошанд. Дар ансамбл ҳафт нафар фаъолият доранд: панҷ овозхонзанҳо - Эътибор Назирова, Шоира Мамаҷонова, Мунаввар Раҳмонова, Матлубахон Ҷумаева, Олимова Санавбар ва ду навозанда - Фурқат Иброҳимов - тор, Исматҷон Юлдошев - дойра.



**Эътибор Назирова, узви ансамбл:**

- Модари ман Тӯтихон Ризоева, аммам Истад Муҳаммадҷонова - Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, холаам Сабоҳат, Малоҳат-хола Қаҳҳорова - хоҳари Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Малоҳат Муъминова, Зубайда Муъминова ташкилкунанда ва аъзои фаъоли ансамбл буданд. Мо давомдиҳандаи кори онҳо ҳастем.

**Шоира Мамаҷонова, узви ансамбл**

- Ман дар ансамбли «Хоҳаракон» аз соли 2004 фаъолият дорам. Дар тамоми чорабиниҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ мо кӯшиш мекунем, ки бо барномаҳои нав ба нав иштирок намоем.

**Юнусалӣ Эргашев, Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон**

- Ба Ансамбли фолклорӣ-этнографии «Хоҳаракон» санъаткорони шаҳр, ки таҷрибаи ҳунарӣ доштанд, шомил мешуданд. Ин дастаи ҳунарӣ бо суруду таронаҳои халқӣ шуҳратёр гашта, ба дили тамошобинони сершумор роҳ ёфт. Дар чорабиниҳо, дар коргоҳу бошишгоҳҳо бисёр баромад мекарданд. Ин анъанаҳои аввалин ҳунармандони дастаро ҳунармандони ҷавон идома доданд. Ба ансамбл ҳунарманди боистеъдод Фазилат Ҷӯраева солҳои зиёд роҳбарӣ карда, барномаҳои ансамблро дар ҷашнҳои умумишаҳрӣ омода мекард.

**Фазилат Ҷӯраева, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон**

- Мақсад аз ташкил намудани Ансамбли фолклорӣ-этнографӣ ҷустуҷӯ ва эҳё намудани суруду таронаҳои халқии Конибодом, маросиму анъанаҳои миллии ниёгонамон мебошад, ба монанди «Гаҳворабандон», «Рӯйкушоён», «Арӯсбиёрон». Маром он буд, ки ин таронаҳои анъанавии ниёгонамон аз аср ба аср гузашта, аз байн нараванд. Саҳми Юнусалӣ Эргашев, Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон ҳамчун басаҳнагузорандаи баромадҳои саҳнавии мо низ хело калон аст. Мо аз байни халқ суруду таронаҳоеро зинда кардем, ба монанди «Боғбон», «Қошсиёҳ», «Ҳай ёр-ёрай ёрашба», «Субҳи сафо», «Чорзарби Акашариф Ҷӯраев» ва ғайраро ба саҳна монда, пешкаши тамошобинон намудем.

Ансамбли фолклорӣ-этнографии «Хоҳаракон» имрӯзҳо суруду таронаҳои қадимии вилояти Суғд ва хусусан шаҳри Конибодомро, ки аз насл ба насл ба таври шифоҳӣ гузаштаанд, зинда нигоҳ медорад. Сарояндагони ин дастаи ҳунарӣ дар талоши онанд, ки мероси эҷодии гузаштагонро ҳифз карда, ба наслҳои оянда муаррифӣ намоянд. Бо туфайли кӯшишу заҳматҳои эшон мероси гаронбаҳои ниёгони мо аз байн нахоҳад рафт.

**Саида РУСТАМОВА,**
**мусиқишинос, мудири шуъбаи фарҳанг ва санъатшиносии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот**

ҶУДО

## ҒОЛИБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН-2024 МИЁНИ ҶАВОНОН ДАР ДУШАНБЕ

**Шаҳри Душанбе дар 5 рӯзи аввали моҳи октябр Чемпионати ҷаҳонии ҷудо байни ҷавононро мизбонӣ кард. Ин мусобиқа аз 2 то 6-уми октябр дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишҳои обии шаҳри Душанбе бо ширкати 531 варзишгар аз 67 кишвар ва тими омехтаи 15 даста баргузор шуд.**

Аз миёни варзишгарони тоҷик, ки 24 нафарро ташкил доданд, танҳо ба Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг) ва Лоиқ Қутбиддинов (-60 кг) муяссар шуд, ки медали биринҷӣ ва нуқра ба даст оранд.

Ғолибони Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонон-2024 дар рӯзи якум дар вазни -48 кг Хинран Хуи (Чин), Сачийо Ёшино (Ҷопон), Рибейро Кларисе (Бразилия), Дудина Кристина (IJF); вазни -52 кг Ол Ироха (Ҷопон), Ношо Сеню (Ҷопон), Алюссиа Поуланче (Фаронса), Мио Хух (Кореяи Ҷанубӣ); вазни -60 кг Ямат Факуда (Ҷопон), Лоиқ Қутбиддинов (Тоҷикистон), Талгат Орюнбассар (Қазоқистон),



Муродил Муродиллаев (Ӯзбекистон); вазни -66 кг Фукучӣ Шунтаро (Ҷопон), Кентоку Кайрӣ (Ҷопон), Де Лука Алессио (Италия), Кобетс Черман (IJF) шуданд.

Дар рӯзи 2-юм дар вазни -57 кг Рико Ҳонда (Ҷопон), Юнг Тао (Чин), Бианса Рейс (Бразилия), Каролина Сиенника (Полша); вазни -63 кг Мелкиа Аучекорне (Фаронса), Руссо Савита (Италия), Анна Скалса (Чехия), Со Моричика (Ҷопон); вазни -73 кг Кейто Хира (Ҷопон), Юсуке Текейчӣ (Ҷопон), Муҳиддин Асадуллоев (Тоҷикистон), Мардон Равшанов (Ӯзбекистон) пирӯз шуданд.

Дар рӯзи 3-юм дар вазни -70 кг Элена Денг (Австрия), Фоҳоу Люн (Швейтсария), Тайла Грауйер (Олмон), Кая Счустер (Швейтсария); вазни -81 кг Лука Ҷавахишвили (Гурҷистон), Ванг Янгван (Чин), Азат Кимисбай (Қазоқистон), Сулаймон Шукуров (Озарбойҷон); вазни -90 кг Комей Кавабата (Ҷопон), Эгор Малкин (IJF), Вадим Чимбовсчӣ (Молдова), Алишер Саманов (Ӯзбекистон) ғолиб омаданд.

Дар вазни -78 кг Бренда Олая (Колумбия), Мазилда София (Олмон), Дандара Камило (Бразилия), Роня Эва (Олмон); вазни +78 кг Лӣ Ҳйеонҷӣ (Кореяи Ҷанубӣ), Селия Канкан (Фаронса), Сафо Сулаймон (Миср), Чичиро Ямагучӣ (Ҷопон); вазни - 100 кг Муҳаммадсодиқ Содиқов (Ӯзбекистон), Нозому Микӣ (Ҷопон), Аҷдар Бағиров (Озарбойҷон), Фарес Мехоух (Фаронса), вазни + 100 кг Денис Батчаев (IJF), Канан Насибов (Озарбойҷон), Сабо Кардава (Гурҷистон), Иброҳим Татароғлу (Туркия) дар рӯзи чорум соҳиби медалхо шуданд.

Дар ҳисоби дастаӣ Ҷопон бо ба даст овардани 13 медал (6 тило, 5 нуқра, 2 биринҷӣ) мақоми аввалро сазовор шуд. Чин бо як медали тило ва ду нуқра дар ҷойи дуюм, Фаронса бо як тило, як нуқра ва ду биринҷӣ дар зинаи сеюм мавқеъ гирифтанд.

Дар рӯзи панҷум дар мусобиқаҳои тими омехта Ҷопон аввал, Фаронса дуюм ва Ӯзбекистон сеюм шуданд.

WORLD JUDO TOUR

## ҲАЙАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ГРАНД СЛАМИ АБУ-ЗАБӢ-2024

**Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар мусобиқаи навбатии “World Judo Tour” - Гранд Слами Абу-Забӣ-2024 дар ҳайати 6 нафар ширкат мекунанд. Дар ин бора Федератсияи ҷаҳонии ҷудо хабар додааст.**

Мусобиқаи мазкур аз 11 то 13-уми октябр бо иштироки 236 ҷудокор (163 мард, 73 бону) аз 33 кишвари ҷаҳон баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи бонуфуз 6 ҷудокор миёни мардҳо намояндагӣ мекунанд. Дар мусобиқаи Гранд Слами




Абу-Забӣ ҷудокорони тоҷик Обид Ҷебов (-66 кг), Бехрӯз Хоҷазода (-73 кг), Абубакр Шеров (-73 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-90 кг), Умедҷон Раҷабов (-90 кг) ва Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) иштирок хоҳанд кард.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқаи Гранд Слами Абу-Забӣ 154 ҳазор евро аст. Ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 5000 евро, барандагони медали нуқра 3000 евро ва медали биринҷӣ 1500 евро ҷоизапулӣ мегиранд.

ФУТБОЛ

## ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ШИРКАТ ДАР «KING’S CUP» БА ТАЙЛАНД РАФТ

**Ситоди мураббиёни тими миллии Тоҷикистон ҳайати дастаи мунтахаби кишварро барои ширкат дар 50-умин мусобиқаи байналмилалии «King’s Cup», ки аз 11 то 14-уми октябр дар шаҳри Сонгкхлаи Тайланд баргузор мешавад, эълон кард.**

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон 23 бозигар - 3 дарвозабон, 7 ҳимоятгар, 10 нимҳимоятгар ва 3 ҳамлагар шомиланд.

Субҳи 7-уми октябр дастаи мунтахаби Тоҷикистон барои ширкат дар мусобиқаи «King’s Cup 2024» тавассути транзити Дубай ба Сонгкхла сафар кард.

Дар даври ниманиҳоии мусобиқот дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 11-уми октябр бо тими Сурия бозӣ мекунад. Дар бозии дигари ниманиҳоӣ ҳамон рӯз дастаҳои Тайланд ва Филиппин вомехӯранд.

Ғолибони даври ниманиҳоӣ дар финал ва мағлубшудагон дар бозӣ барои ҷойи сеюм вомехӯранд. Рақобатҳои ниҳоии мусобиқаи «King’s Cup 2024» 14-уми октябр баргузор мешаванд.




РЕЗААХБОР



Комроншоҳ Устопириён, паҳлавони маъруфи тоҷик расман ба корномаи варзишиаш хотима гузошт. Ӯ баъди дар Бозиҳои олимпӣ-2024 ноком шуданаш изҳор карда буд, ки ба фаъолияташ дар майдондорӣ хотима мебахшад. Инак, ӯ расман дар рӯзҳои баргузории Чемпионати ҷаҳонии ҷудо-2024 миёни ҷавонон дар Душанбе ба назди мухлисон баромад ва бо онҳо хайрухуш кард. Ӯ барандаи медалу ҷоизаҳои мусобиқоти ҷаҳониву қораӣ аст.

***

Чун анъана ҳамасола қабл аз оғози мавсими нав бозӣ барои ба даст овардани Суперҷоми футзали Тоҷикистон баргузор мешавад. Дар бозии якуми мавсими нави футзал қаҳрамони феълии Суперлигаи Тоҷикистон «Истиқлол» бо барандаи медали нуқраи чемпионат «Соро компания» вомехӯрад. Бозӣ 12-уми октябр дар Маҷмааи варзишии Кумитаи андоз соати 19:00 доир мешавад. «Соро компания» се маротиба пайи ҳам - солҳои 2021, 2022 ва 2023 соҳиби Суперҷоми Тоҷикистон шудааст.

***

Дастаи “Моҳун Баган” аз Ҳиндустон ба далели нигарониҳои амниятӣ аз парвоз ба Эрон барои бозӣ бо дастаи «Тракторсозӣ» худдорӣ кард ва дар натиҷа аз Лигаи қаҳрамонҳои 2-и Осиё хориҷ карда шуд. Конфедератсияи футболи Осиё эълон кард, ки бошгоҳи Ҳиндустон аз Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё хориҷ мешавад. Ҳамчунин, ҳамаи имтиёзҳо, голҳо ва натиҷаҳои ин даста бекор карда шуданд. Дастаи «Равшан»-и Кӯлоб, ки бо ин даста дар сафар мусовӣ (0:0) бозӣ карда буд, аз як имтиёз маҳрум шуд.

***

Мутахассиси маъруф Игор Черевченко, ки дар гузашта низ дастаи «Истиқлол»-и Душанберо роҳбарӣ карда буд, дубора сармураббии ин даста таъйин шуд. Юрий Батуренко низ бо Черевченко ба «Истиқлол» баргашт, ки вазифаи ёвари аввали сармураббиро иҷро хоҳад кард. Ҳамчунин, ба ситоди мураббиёни «Истиқлол» Алишер Тухтаев, Дилшод Восиев ва Дмитрий Тяпушкин ворид шуданд.




### Одат

Марде дӯсташро дида, мегӯяд:
- Шунидам, ки дуюмбора оиладор шудаӣ?
Дӯсташ дар ҷавоб:
- Бале, Шаҳлоро гирифтам.
Мард ҳайрон шуда:
- Ҳамон Шаҳлои хоҳари занатро?
Дӯсташ мегӯяд:
- Бале, ман ба ҳамин хушдоманам сахт одат кардаам.

### Озодӣ

Судя аз маҳбусе, ки аз маҳбас гурехтанӣ шудааст, суол мекунад:
- Чаро шумо кӯшиши аз маҳбас гурехтанро кардед?
Маҳбус мегӯяд:
- Ман олидор шудан мехостам.
Судя мегӯяд:
- Ҳаа, озодиро ҳар кас ба таври худаш мефаҳмидааст...

### Гуноҳи писар

Падар писари донишҷӯяшро насиҳат мекунад:
- Ба ҷойи он ки хушу хаёлатро ба хондан гирӣ, ту аблаҳ духтарбозӣ мекунӣ!
Писар гапи падарро бурида:
- Медонед, дада...
Падар ба ғазаб омада:
- Даматро гир! Ин ҷо кӣ падар аст? Ту ё ман?
Писар дар ҷавоб гунаҳкорона:
- Ҳардуямон дада, ҳардуямон...

### 5 дақиқаи хушбахтӣ

Ду марди нафақахӯр дар боғ нишастаанд, ки аз наздашон ҷавондухтаре мегузарад. Яке аз мардон бо чашми ҳавас:
- Кош, аз нав ҷавон мешудам.
Марди дигар:
- Ту ақлатро хӯрдай магар? Барои 5 дақиқаи хушбахтӣ боз 40 соли дигар кори давлат кунем?

### Умедворӣ

Омӯзгор ба донишҷӯён мегӯяд:
- Умедворам, ки дар имтиҳони имрӯза рӯбардор кардани шуморо намебинам.
Донишҷӯён дар ҷавоб:
- Мо ҳам умедворем, устод.

### Ҳофиза

- Оча, шумо суруд хонда метавонед?,- пурсид духтарчае аз модараш.
Модар дар ҷавоб:
- Не, кӣ гуфт?
Духтарча:
- Падарам гуфтанд, ки модарат аз кор омада истодааст, ҳозир концерт сар мешавад.

### Сулфа

Назоратчии боғи ҳайвонот ба байтор занг зада мегӯяд:
-Яке аз филҳоямон касал шудааст, сулфаи сахт мезанад. Чӣ кор кунем?
Байтор:
-Ба зарфи обхӯрияш як истакон арақ резед.
Рӯзи дигар назоратчӣ ба байтор занг зада мегӯяд:
-Сулфаи фили беморамон бас шуд, вале филҳои дигар ба сулфазанӣ даромаданд.

Таҳияи
**Н.РАҶАБОВА**

# «СВЕРХЗАДАЧА»
## ё худ қиссаи тӯйи Эдик

**Давлат Убайдуллоевро ман ҳанӯз ҳангоми тифли гаҳвора буданаш, яъне дар овоне, ки ӯ ҳоло тифли гаҳвораи илми фарҳангу ҳунар, донишҷӯи Донишкадаи санъату зебой буд, мешинохтам. Сари шӯридаи ӯ он вақт пур аз мӯйҳо ва дили ҳассоси беқарораш чун ҳамеша лабрези орзуву ормонҳо буданд.**

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев баъди хатми Донишкадаи ҳунарҳои зебо чанд муддате дар Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ба ҳайси актёр фаъолият намуда, худро ҳамчун ҳунарпешаи хушсаликаву соҳибзавқ муаррифӣ намуд.

Шавқу рағбат ва донишу малакае, ки андӯхта буд, Давлатро водор сохт, ки дар самои ҳунари касбӣ баландтар парвоз кунад. Ҳамин тавр, ӯ бо боли орзуву ниятҳои наҷиб ба шаҳри соҳили Нева, шаҳри Ленинград (Санкт-Петербург) парвоз намуда, тайи панҷ сол донишу маҳорати хешро дар риштаи коргардонӣ мукаммал сохт.

Холаи Хуросону бобои Табар (рӯҳашон шод бод!) аз ман бо исрор хоҳиш мекарданд, ки ҷойи писари ягонаашон Давлати раҳдурро дар хона холӣ нагузорам. Ҳар боре, ки ӯ аз Ленинград ба таътил меомад, дар хонадони эшон тантанаи тӯю сур барпо мешуд ва дар халқаи дӯстон бо ширкати Давлат маҳфили фарҳангу адаб доир мегашт...

Боре ҳангоми ба таътили тобистона омадани Давлат ва ҳамсабақи ман Шавкат Халилов дар хонаи ҳамсабақи дигарам - наттоқи радиои тоҷик Ҳикматулло Раҳматов (рӯ ба рӯи Театри ба номи А. Лоҳутӣ) ба ифтихори бозгашти ду донишҷӯи ленинградӣ зиёфати ҳарифона оростем. Ошпази марказии зиёфат Шавкат Халилов буд. Ман дар театр намоиш доштам ва ҳангоме, ки баъди кор ба зиёфатгоҳ расидам, алакай аз ду шишаи шароби мавҷуда як шишаи онро сарошпаз ва ёваронаш бо зирбаки ош пок-покиза нӯшида буданд. Ин буд, ки ҳангоми зиёфат ҳуморамон нашикаст. Дар яке аз ҳавлиҳои ҳамсоя тӯйи арӯсии яҳудиён дар авҷ буд. Садои сурудхонии Барно Исхоқоваю дигар ҳофизони номдори яҳудиёни Бухоро ва табрикоти маҳмуронаи меҳмонон дар атроф танинандоз буд. Ман ба донишҷӯёни риштаи коргардонии Донишкадаи Ленинград пешниҳод кардам, ки бо назардошти иҷрои "Масъалаи басо муҳим" ("Сверхзадача") дар раванди фаъолияти эҷодӣ аз ҳамон тӯйи яҳудиёни бухороӣ ягон шиша шароб оварда, ҳисороти дар раванди зирбак ба зиёфат овардаи худро ҷуброн кунанд. Пешниҳод ба шогирдони мактаби Театри бузурги рус писанд омад ва аз пайи иҷрои он камар бастанд. Вақте ки ба базмгоҳ расидем, дарвозаи ҳавлӣ кушода буд ва дар болои тахти арӯсу домод рӯи қолин бо пахта чунин навишта буданд: "Эдик+Сара=любовь".

(Давомаш дар саҳ. 13)

### Сканворд

